НАҚШАИ ДАЪВАТ ИҶРО ШУД, АММО... с.2

НАРХИ ШАКАР КОМИ ХАРИДОРРО ТАЛХ КАРД с.5

ТОЛИБОН ТАРКИ КОБУЛ МЕКУНАНД с. 4

ТОҶИКИСТОН

№22 (1481) 01.06.22 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!

АЗ ТИҶОРАТ ТО АМНИЯТ

ГУЗОРИШ АЗ САФАРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ЭРОН





АФЗАЛШО ШОДИЕВ:

Маро шикастан душвор аст!

с.10-11

ДУРНАМО

Равған арзон мешавад

с.5

ГАВҲАР ҶӮРАЕВА

20 соли хидмати содиқона ба муҳоҷирони тоҷик

с.6

БУНАФША ШОКИРОВА

Ситорае, ки зуд хомӯш шуд

с.6

КЕМБРИҶ ДАР ДУШАНБЕ

Асрори муваффақияти Мактаби байналмилалии президентӣ дар чист?

с.9

КАНЗИ ШИФО

3 усули халқии табобати диабети қанд

с.13

ВАРЗИШ

Чемпионати футбол байни занон оғоз мешавад

с.15

Эълонҳои бештар дар

ARZON.TJ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
Журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
Профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Мухтор БОҚИЗОДА,
шореҳи сиёсӣ

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

Pressa.tj: ХАБАР МЕДИҲАД

НАҚША ИҶРО ШУД, АММО ДАЪВАТИ ҶАВОНОН ИДОМА ДОРАД

Бо вуҷуди иҷро шудани нақшаи ҷалби наваскарон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ, Вазорати мудофиаи Тоҷикистон мегӯяд, ки даъвати ҷавонон ба комиссариатҳо идома меёбад.

Ба иттилои Вазорат, дар даъвати баҳории имсола, тайи моҳҳои апрел ва май шаҳрвандони солҳои таваллуди 1995-2004-уми Тоҷикистон ба хидмати ҳарбӣ ҷалб гардидаанд.

Вазорати мудофиа таъкид намудааст, ки агарчи иҷрои нақшаи даъвати шаҳрвандон ба хидмати ҳатмии ҳарбӣ дар муҳлати муқарраргардида ба итмом расида бошад ҳам, ҷавонони синни хидмат ба комиссариатҳои ҳарбии маҳалли истиқоматашон даъват мешаванд.

Манбаъ тавзеҳ дод, ки ин кор бар асоси моддаи 28-и Қонуни Тоҷикистон "Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хидмати ҳарбӣ", қарори раисони шаҳру ноҳияҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати мудофиа амалӣ шуда, мақсад аз он гузарондани омӯзиши пешаздаъватӣ ва омода намудани шаҳрвандони синни даъватӣ мебошад.

Вазорат зикр намудааст, ки аз оғози даъвати баҳорӣ, дар нахустин рӯз ВМКБ ва чанде аз шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ аз иҷрои пурраи нақшаи даъват гузориш доданд.

"Дар нимаи аввали моҳи апрел чаҳор навоҳии пойтахт ва то охири моҳи май бошад, тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иҷрои нақшаро пурра ба анҷом расонданд",- омадааст дар иттилоия.

Даъвату гусели шаҳрвандони ҷинси марди аз 18 то 27-сола ба хидмати ҳатмии ҳарбӣ дар Тоҷикистон ҳамасола дар ду мавсим сурат мегирад. Даъвати баҳории шаҳрвандон аз оғози апрел то охири моҳи май ва даъвати тирамоҳӣ аз аввали моҳи октябр то охири моҳи ноябр идома меёбад.



"СОМОН ЭЙР" ПАРВОЗҲОРО БА ҚАЗОН ВА НОВОСИБИРСК БАРҚАРОР КАРД

Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» иҷрои парвозҳои мунтазамро дар хатсайрҳои Душанбе-Қазон-Душанбе ва Хуҷанд-Новосибирск-Хуҷанд аз сар мегирад.

Бино ба иттилои хадамоти матбуотии ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр», шуруъ аз 9-уми июн парвозҳо ба самти Қазон ва Новосибирск ҳафтае як маротиба рӯзҳои панҷшанбе сурат мегиранд. Вақти парвоз аз Душанбе ба Қазон 17:40, аз Қазон ба Душанбе 21:00 ба вақти маҳаллӣ муқаррар шудааст. Парвозҳо аз Хуҷанд ба Новосибирск соати 20:30 ва дар самти баргашт шаби ҷумъа 03:00 амалӣ мегарданд. Парвозҳо тавассути ҳавопаймоҳои Boeing 737-800 ва 900 анҷом дода мешаванд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

САФАРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ӮЗБЕКИСТОН

Рӯзҳои наздик Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ вориди шаҳри Тошканди Ӯзбекистон мешавад.

Дар назар аст, ки зимни ин сафар суҳбати рӯ ба рӯи Эмомалӣ Раҳмон бо Шавкат Мирзиёев баргузор гардад. Ҳамчунин, дар доираи ин сафар маҷмӯи масъалаҳои ҳамкорӣ баррасӣ хоҳад шуд ва равобити дӯстона таҳким хоҳад ёфт.

Дар доираи ин сафар воҳӯрии соҳибкорон, форуми иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, конфронси илмиву амалии минтақавӣ ва якчанд чорабиниҳои дигари фарҳангӣ ба нақша гирифта шудаанд.


САРИ САБЗ



Ҷаббор НОСИРЗОДА,
раиси ноҳияи Шаҳринав

- Дар давраи ҳисоботӣ 155 нафар шаҳрвандон аз ҷониби раиси ноҳия қабул карда шуданд. Доир ба иҷрои муроҷиатҳо супоришҳои мушаххас дода, баҳри ҳалли проблемаҳо саривақт чораҷӯӣ карда шудааст.

- Ҳммм. Пас чаро мо аз натиҷаҳои мушаххаси супоришҳои мушаххасатон хабар надорем?



БАҲРИННИСО,
шоираи тоҷик

- Ғарб аз ҷиҳати техникаву сармоя пеш рафт, аз ҷиҳати маънавият ва руҳия ба насиҳат ниёз дорад, ба шеър ниёз дорад, ба наср ниёз дорад.

- Эҳ, муаллимаи азиз, охир, барои чӣ пардапӯшона гап мезанед? Рӯирост гӯед, ки олами Ғарб ба насиҳати шоирони тоҷик ниёз дорад.



Алишер ҚАНОАТЗОДА,
раҳбари Ансамбли "Тарона ва рақс"

- Ёдам ҳаст, чанд соли пеш дар ҳузури президенти вақти Қирғизистон камина суруди қирғизиро месурудам, ӯ чӣ қадар хурсанд шуда буд, кафкӯбӣ мекард ва ҳатто омада суҳбат карда буд ва акс мегирифт.

- Ягонто аз ҳамон аксҳо бошад агар, фиристонед, чоп кунем...

АЗ ТИҶОРАТ ТО АМНИЯТ

Гузориш аз сафари Эмомалӣ Раҳмон ба Эрон

Сафари Эмомалӣ Раҳмонро ба Эрон, ки пас аз 10 соли сардии муносибатҳо сурат мегирад, коршиносон фарҷоми сардиҳо миёни ду кишвар ва оғози ҳамкориҳо унвон мекунанд. Бархе аз он хурсанд ҳастанд, ки дар шароити душвор Тоҷикистон рӯй ба шарики ҳам аз лиҳози амниятӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ боэътимод оварда.



Горди фахрӣ ба пешвози Эмомалӣ Раҳмон

Санаи 29-уми май Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вориди Ҷумҳурии Исломии Эрон шуд. Дар Фурудгоҳи байналмилалии Техрон роҳбари кишвари моро вазири нерӯи ҶИЭ Алиакбар Меҳробиён ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

IRNA хабар медиҳад, ки “ба хотири истиқболи кишвардори Тоҷикистон майдони Фурудгоҳи байналмилалии Техрон бо шиорҳои тақассумкунандаи дӯстии ду кишвар оро дода шудаанд”.

Аз фурудгоҳ Эмомалӣ Раҳмон ба Қасри раисҷумҳури Эрон ташриф оварда. Президенти Тоҷикистонро раисҷумҳури ин кишвар Иброҳими Раисӣ бо Горди фахрӣ ва Суруди миллӣ истиқбол гирифт.

Мавриди ёдоварист, ки ин нахустин сафари Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИЭ дар 10 соли охир аст. Тайи даҳ соли ахир муносибати Тоҷикистон бо Эрон дучори чолишҳо гардида ва аз соли 2015 ба ин сӯ якбора сард шуда буд.

16 санади ҳамкорӣ

Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон ва Сайид Иброҳими Раисӣ, раисҷумҳури Эрон дар Техрон ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои кишварҳоро баррасӣ карданд. Пас аз дидори сарони кишварҳо дидори мушараки ҳайатҳои баландпоя баргузор гашта, ба дунболи он санадҳои ҷадиди ҳамкориҳои ду кишвар ба имзо расиданд.

Эмомалӣ Раҳмон ва Иброҳими Раисӣ ҳамчунин масоили амниятӣ ва Афғонистон, мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва ҷиноятҳои кибериро баррасӣ кардаанд.

Гуфта мешавад, ҷонибҳо дар заминаҳои гуногун 16 санади ҳамкорӣ дар бахшҳои мухталиф имзо кардаанд.

Тоҷикистон ба бандар роҳ меёбад

Сайид Иброҳими Раисӣ дар нишасти хабарие, ки пас аз мулоқот бо Эмомалӣ Раҳмон дошт, сафари нахустини хориҷияшро ба Душанбе, ки барои ширкат дар нишасти СҲШ буд, оғози як нуқтаи гардиш дар равобити ду кишвар хонд. Мавсуф таъкид кард: “Пас аз ин сафар равобити ду кишвар ба гунае тағйир ёфт, ки имрӯз мо танҳо дар бахшҳои иқтисод ва тиҷорат чаҳор баробар афзоиш ёфтани додугирифтро мебинем. Имрӯз бо сафари раисҷумҳури Тоҷикистон ба Техрон ва имзои тавофуқоти ҷадиди ду кишвар ман шак надорам, ки дар равобит иқдоми бузурге сурат хоҳад гирифт".

Президенти Эрон гуфт, ки "мо метавонем ин равобити дучонибаро ба равобити хуби минтақаӣ, чаҳонӣ ва байналмилалӣ табдил диҳем ва ин равобити ду кишвари ҳамсояи мусалмон метавонад барои ду миллат ва манофеи ду кишвар бисёр умедбахш бошад".

Дар воқеъ тиҷорат ва рушди иқтисод дар меҳвари гуфтугуҳои сарони ду кишвар қарор дошт. Тоҷикистон ва Эрон истифодаи самараноки имконоти бандарҳои Чобаҳор ва Бандар-Аббосро василаи муҳими тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии кишварҳо хондаанд.

Корхонаҳои муштарак

Эмомалӣ Раҳмон ва Иброҳими Раисӣ ба афзоиши гардиши тиҷорат таъкид карда, таҳия ва татбиқи Барномаи дарозмуддати ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ то соли 2030, таъсиси Палатаи муштараки савдо ва саноати Тоҷикистону Эрон ва Шӯрои муштараки сармоягузориро мувофиқи мақсад шумурдаанд.

Дар доираи ин барнома аллакай дар ҳамин сафар қадамҳои нахустин гузошта шуд.

Президенти Тоҷикистон ва ноиби аввали президенти Эрон Муҳаммад Мухбир зимни мулоқоташон муайян карданд, ки дар кадом бахшҳо ду кишвар метавонанд корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ ташкил кунанд.

"Таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ, металлургия, коркарди маъдан, мошинсозӣ, кимиё, дорусозӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, шиша ва кошин аз самтҳои дигари судовар барои ҳар ду кишвар номида шуд",- хабар медиҳад сомонаи Президент.

Дар мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон ва Муҳаммад Мухбир ҳамчунин зикр гардидааст, ки рушди ҳамкорӣ дар самти роҳандозии коркарди нахи пахта, пӯст, пашм ва абрешим то маҳсулоти ниҳоӣ, инчунин қолинбофӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди меваю сабзавот, намаки ошӣ, истеҳсоли равғани растанӣ ва оби ошомиданӣ низ ба манфиати ҷонибҳо хоҳад буд.

(Давомаш дар саҳ.4)

СЕ СУДЯ АЗ МАҚОМ ОЗОД ВА ВАКОЛАТИ ЯК СУДЯ ҚАТЪ ГАРДИД

Бо фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон чанд судя аз мақомашон озод шуданд.

Ҳамин тариқ, Муҳаммадзода Ҳомидҷон Бобоҷон аз вазифаи раиси Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, Маҳмадсаидзода Рустам Маҳмадсаид аз вазифаи судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, Раҳимзода Раҳмиддин Мирзокарим аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад, озод карда шуданд. Вакалати судяи Суди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Қосимзода Раҳмат Маҳмуд бинобар вафоташ қатъ карда шудааст.

ҲАЙАТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ДАР БАДАХШОН

Бо дастури вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода гуруҳи корӣ дар ҳайати муовини вазири маориф ва илм Шукрулло Хайрзода, сармутахассиси раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Ҷалолиддин Амиров ва директори Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ (ғоибона) барои наврасон ва калонсолон Умед Чоршанбезода аз муассисаҳои таълимии шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Рӯшон дидан намуданд.

“Нахуст, гуруҳи корӣ бо раиси шаҳри Хоруғ вохӯрда, оид ба вазъи муассисаҳои таълимии шаҳр, раванди омодагӣ ба аттестатсияи хатм ва имтиҳонҳои чорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва Коллеҷи тиббии шаҳри Хоруғ суҳбат намуд. Сипас, муовини вазир дар муассисаҳои таълимии №№5, 6, 7, 8, Коллеҷи тиббии шаҳри Хоруғ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва раёсати маорифи вилоят бо омӯзгорону мутахассисон ва донишҷӯён суҳбату вохӯрӣ доир намуданд.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

ТОЛИБОН ТАРКИ КОБУЛ МЕКУНАНД

Амруллоҳи Солеҳ ояндаи Афғонистонро пешгӯӣ кард



Ноиби аввали раисҷумҳури пешини Афғонистон мегӯяд, ки толибҳо бо кӯч додани пойтахти сиёсӣ мехоҳанд худро аз шӯриши мардумӣ ҳифз намоянд.

- Толибон* тарҳи ҷадиде барои ба даст овардани машруияти дохилӣ ва хориҷиро мувофиқ кардаанд,- хабар дод Амруллоҳ Солеҳ, ноиби аввали раисҷумҳури пешини Афғонистон дар саҳифааш дар шабакаи иҷтимоӣ.

Солеҳ бо такя ба манобеи худ изҳор дошт, ки толибҳо мехоҳанд қароргоҳи Мулло Ҳайбатулло ва ё худ имороторо дар вилояти Қандаҳор ҳифз намоянд. Ба гуфтаи ӯ, ин иқдом ба маънои интиқоли пойтахти сиёсист, то толибҳо аз ошӯбҳои сиёсӣ ва мардумӣ эмин монанд.

Банди дигаре аз нақшаи толибҳо, ба гуфтаи Солеҳ, интихоботи Вулуси ҷирга ва ё худ парлумони Афғонистон таҳти назорати кумитае мебошад, ки аксари аъзои он аз гуруҳи толибҳо мебошанд. Таъкид шудааст, ки роҳбари ин кумитаи интихоботиро Мулло Ҳайбатуллоҳи Охунд таъйин мекунад.

Ӯ таъкид намудааст, ки занон наметавонанд вориди парлумон шаванд. Инчунин зикр намудааст, ки бар асоси нақшаи мувофиқашуда, сарвазирро Мулло Ҳайбатулло бо Вулуси ҷирга муаррифӣ мекунад ва парлумон танҳо барномаи сарвазирро мешунаваду ҳаққи тасвиб ё рад кардани онро надорад.

Инчунин вазирони дифоъ, корҳои дохилӣ, мудири истихборот мустақиман аз ҷониби Мулло Ҳайбатулло таъйин мешаванд ва ба сарвазир ҳисобот намедиҳанд.

- Қозӣ намояндаи вижаи Мулло Ҳайбатуллоҳ хоҳад буд ва Вулуси ҷирга дар таъйини аъзои Додгоҳи Олӣ ҳеҷ нақше надорад,- афзуд Солеҳ. Ӯ илова намуд, ки намояндагони шиаҳо ҳақ надоранд дар мақомоти болоии додгоҳҳо таъйин гарданд.

Дар баробари ин таъсиси Шӯрои олии уламо барои ҳифзи асли иморат, муайян кардани вориси Мулло Ҳайбатулло баъд аз маргаш дар назар аст, ки ҳеҷ кас ғайр аз толибҳо наметавонанд узви ин шӯро гарданд.

Ба навиштаи Солеҳ, ин шӯро дар вилояти Қандаҳор ҷойгир хоҳад шуд ва намояндагонаш дар вилоятҳо ҳамчун мақоми олии мазҳабӣ ва сиёсии волиёну мақомдорон фаъолият хоҳанд кард. Ӯ афзуд, ки дар ин низом барои ҳич як ҳизб, иттиҳодия, шӯрои маҳаллӣ иҷозати фаъолият дода намешавад ва фаъолияти матбуоти ғайридавлатӣ маҳдуд мегардад. Толибҳо нимаи августи соли 2021 ҳукумат дар Афғонистонро ғасб карда, аз ташкили иморати исломӣ хабар доданд.

**Толибон - ҳаракати террористии мамнуъ дар Тоҷикистон*

Содир Ҷабборов:

ҚИРҒИЗИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН ИХТИЛОФИ СИЁСӢ НАДОРАНД

Миёни Қирғизистону Қазоқистон ихтилофи сиёсӣ вуҷуд надорад.

Ду кишвар маҷмуи робитаҳои дуҷонибаро рушд медиҳанд. Содир Ҷабборов, президенти Қирғизистон дар мулоқот бо ҳамтои қазоқистониаш Қосимҷомарт Токаев дар шаҳри Бишкек изҳори назар кард.

Ба гуфтаи Ҷабборов, дар 30 соли охир ду кишвар тавонистанд, ки ҳамкориҳоро ба сатҳи шарикии стратегӣ расонанд. Вай ҳамзамон даъват кард, ки Созишномаи дуҷониба дар бораи муносибатҳои иттифоқӣ "бо назардошти воқеиятҳои рӯз" таҷдид карда шавад.

Дар поёни сафари расмии Токаев ба Қирғизистон 13 санади ҳамкорӣ имзо шудааст. Токаев бо сафари расмӣ рӯзи 26-уми май вориди Қирғизистон шуд.



АЗ ТИҶОРАТ ТО АМНИЯТ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Ҳамкорӣ дар бахшҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, таҷҳизот ва техникаи кишоварзӣ аз самтҳои дигари муфид барои рушди робитаҳо маънидод шуд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо ҳамчунин оид ба таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, сайёҳӣ, алалхусус саёҳати тандурустӣ табодули андеша карданд.

"Абобил-2" оғози роҳ аст

Тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи амниятӣ низ бахши муҳими суҳбати президентҳои Тоҷикистон ва Эрон буд. Махсусан, шадид шудани вазъи сиёсӣ дар Афғонистон, ки ба Эрон низ хатар меорад, роҳбарияти олии ин кишварро нигарон кардааст. Ҳамин аст, ки ҳанӯз соли 2019 байни Тоҷикистон ва Эрон протокол дар бахши ҳамкориҳои амниятӣ имзо шуда буд. Дар сафари Эмомалӣ Раҳмон ба Эрон низ рушди ҳамкориҳои амниятӣ дар мехвари гуфтугуҳо қарор дошд. Доир ба ин бахши мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Раисӣ ва Хоманаӣ маълумот кам аст, вале дақиқан суҳбатҳои ҷиддӣ дар ин маврид сурат гирифтааст. Дар ин авохир Эрон дар Тоҷикистон корхонаи муштараки истеҳсоли тайёраҳои бесарнишин бунёд кард ва онро "оғози роҳ" номида, таъкид намуд, ки барои тақвияти неруҳои Тоҷикистон кумак мекунад.

Муколамаи созанда бо Хоманаӣ

Шоми 30-юми май қабл аз бозгашт ба ватан президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Техрон бо раҳбари олии Эрон Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ дидору гуфтугӯ кард. Ин мулоқот дар доираи сафари расмии президенти Тоҷикистон ба Эрон сурат гирифт, ки аввалин бор баъди чандин соли муносибатҳои печидаву ноҳамвор сурат мегирад.

Ба иттилои сайти президенти Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст, ки Тоҷикистон "алоқаманди идомаи муколамаи созандаи сиёсии сатҳи олӣ" мебошад. Ӯ гуфтааст, ки Тоҷикистон "ҷонибдори тавсеаи рӯзафзуни робитаҳои гуногунарсаи ду кишвар дар руҳияи... эътимоди байниҳамдигарӣ мебошад".

Шарики боэътимод

Мавриди зикр аст, ки Эрон дар соли 1991 кишвари аввалине буд, ки истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф кард. Техрон бо сохтани нерӯгоҳи "Сангтӯда-2" дар ҷануб ва нақби "Истиқлол" дар гардanai Анзоб дар шимол то соли 2013 яке аз шарикони асосии иқтисодии Душанбе буд. Пас аз соли 2015 корхона ва ширкатҳои эронӣ яке паси дигар дар Тоҷикистон баста шуданд. Додугирифти иқтисодии ду кишвар ҳам ба таври назаррас кам шуд.

Коршиносон чанд омилро сабаби нарм шудани муносибати ду кишвар медонанд. Ба қавли таҳлилгар Абдумалик Қодиров, масъалаи асосӣ қазияи Афғонистон аст, ки ба ҳарду кишвар таҳдид мекунад. "Масъалаи дуюм, ки боиси нармиш дар муносибати Душанбе ва Техрон шуд, баҳсҳо бо Қирғизистон аст",- тахмин зад ӯ.

Дар фарҷоми сафари хеш, ки рӯзи 30-юми май сурат гирифт, Эмомалӣ Раҳмон Сайид Иброҳими Раисиро ба Тоҷикистон даъват кард.

О. НОЗИР

ГАЗИ ӮЗБЕКИСТОН БА ЧИН МЕРАВАД!

Ӯзбекистон содироти газро ба Чин, ки аввали соли равон ба хотири қонеъ кардани талаботи дохилӣ қатъ карда буд, дубора аз сар гирифтааст. Дар ин бора Eurasianet.org хабар медиҳад.

- Бино ба омори Раёсати гумруки Чин, Ӯзбекистон дар чаҳор моҳи аввали соли ҷорӣ ба он кишвар ба маблағи 132,8 миллион доллар газ содир кардааст,- хабар медиҳад сомонаи русии Neftegaz.ru.

Ҳаҷми гази содиршуда гуфта намешавад.

МОДАРИ ПРЕЗИДЕНТ - ҚОЛИНБОФИ БЕҲТАРИН

Огулгерек Бердимуҳаммадова, модари президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳаммадов ва ҳамсари раисҷумҳури собиқи ин кишвар Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов соҳиби унвони фахрии "Қолинбофи хидматнишондодаи Туркманистон" шуд.

Фармони эътои ин унвон дар нашрияи давлатии "Туркманистони бетараф" нашр шуд.

Унвони мазкурро ба модари президент барои хидматҳояш "дар тақвияти истиқолол ва ягонагии Туркманистон, рушди санъати миллии қолинбофӣ, нақшбандии қолинҳо ва захмати тӯлонии чандинсола, санъати касбӣ" додаанд.



ҚИРҒИЗҲО ДАҲҲО ӮЗБЕКИСТОНИРО РОНДАНД

Бештар аз сад донишҷӯи ӯзбекистонӣ, ки дар факултаи тиббии Донишгоҳи давлатии Ҷалолободи Қирғизистон таҳсил мекарданд, ихроҷ шудаанд. Намояндаи донишгоҳ гуфт, ки донишҷӯён дар бисёре аз дарсҳо иштирок надоштанд.

Донишҷӯён дар навбати худ мегӯянд, ки аз онҳо "маблағ" мехоҳанд. Дар Донишгоҳи давлатии Ҷалолободи Қирғизистон, ки 3300 донишҷӯ дорад, 400 донишҷӯи он аз Ӯзбекистон ҳастанд.

НАРХИ ОСМОНКАФИ ШАКАР КОМИ ХАРИДОРРО ТАЛХ КАРД

Як хислати аҷиб дорам, ки шаб то пеш аз хоб лимучой нанӯшам, хобам намебарад. Аммо ҳамин ҳафтаи гузашта ин одати бадам бисёр асабонӣ кард.



Баъди хӯроки шом як филми бадеӣ дидаму дар тараддуди хоб кардан афтодам. Нимто лимуро дар истакон реза карда, шакаргиракро аз назар гузаронидам. Шакар тамом шудааст, камакак олудагие девораи қуттӣ дораду тамом. Аммо кирӣ нест. Зеро, ман дар як истакон лимучой 3 қошуқча шакар мерезам, вале ҳар қадар қуттии шакаргиракро тарошаму харошам, як қошуқча шакар ҳам ҳосил нашуд. Гуфти бачаҳои замонавӣ, “сар - пар вайрон шуд”. Истакони лимучойи туршро дуртар тела дода, гуфтам, ки “пагоҳ аз “Ашан” даҳ кило шакар мегирам” ва мисли кӯдакони қаҳркунак сарамро таги курпа кардам...

Гарчанде рӯзи якшанбе, ба истилоҳ, “рӯзи истироҳатӣ” аст, дар маркази бузурги савдои “Ашан”, хусусан дар растаи шакар кам одамон ба назар мерасанд. Чун ба ин марказ омаданам ҳадафмандона аст, рост сӯйи растаи шакар мешитобам. Мерасам ва умеди ширинам дар комам талх мешавад. Як кило шакари майдареза 13 сомониву 95 дирам! Дар ҳоле, ки чанд рӯз пештар ҳамин навъи он аз 11 сомониву 50 дирам боло набуд...

Мехоҳам аз ин растаи “ширин” дур шавам, вале ҳамин вақт назарам ба харидори чун банда шакардӯстдори дигаре дакка мехӯрад, ки бо эҳтиросу асабоният ангушти ишоратиашро гоҳ ҷониби шакар ва гоҳе тарафи ходими хидматгузори “Ашан” “таппонча” мекунад.

- Охир, беинсофӣ ҳам ҳадду ҳудуд дорад, наход...

- Истед, муҳтарам мизоҷ,- сухани харидорро чун ғози асал аз даҳонаш мегирад ходими “Ашан”,- айб дар ош не, дар мош аст. Чӣ, магар огоҳ нестед, ки Покистон, як кишвари калидии истеҳсолкунандаи шакар содироти ин навъи ширириро манъ кард? Андак одам не, худи сарвазири Покистон Шаҳбоз Шариф ин тасмимро гирифт! Роҳбарияти Қазоқистон ҳам гуфтаанд, ки аз ин баъд афти шакару қандро ба “бегонаҳо” нишон намедиҳанд!

- Гапро кам кун, шумо аз онҳо ягон камӣ надоред!,- ба шӯр омад харидор ва рӯй ҷониби гузаргоҳи ҳисоббаорӣ оварду сабади мисли каллаи баъзе математикҳои тоҷик холияшро гузошту гузашт.

Ман ҳам бо дасти холӣ, сабукак аз гузаргоҳ гузаштам ва ба истгоҳ расида, интизори нақлиёт нишастам. Микроавтобуси №2 маро рост ба бозори “Мехргон” бурд. Бозор пур аз одам буд, ба қавли бобои Раҳим, “одамони бекорчӣ”. Касе чизе намехарид, ҳама тамошо мекарданд. Фақат тамошо. Гӯё аз ғурбати янгаҳо гурехтаву рӯз кӯр карда истода бошанд...

Чашмони тезбинам дар растаҳои бозор танҳову танҳо шакар мечӯянд. Аммо, нест. Аз фурӯшандае, ки одатан шакар мехаридам, мепурсам:

- Шакар надоред?

- Не,- посух медиҳад ӯ ва илова мекунад, ки фақат қанди сафед дорад.

Сабаб мепурсам. Мегӯяд:

- Як лингча доштам, дина хона бурдам, барои мураббо пухтан.

- Бало зад гӯед!? Аз ҳоло мавсими мураббопазӣ оғоз шуда бошад, ба фикрам чанд рӯз пас ҳамин қандашро ҳам намеёбем а?,- аз ҷони баромада шӯхӣ мекунам ман.

- Хайр, чӣ илоҷ!? Айби мо ҳам не ку!,- китф дарҳам мекашад фурӯшанда.

- Рост мегӯяд, бечора!,- ин дам ба гӯш мерасад садои марди ношиносе, ки шоҳиди гуфтугузори мо будааст.

Гашта ба қафо менигарам. Мехоҳам соҳиби ин сухани таскиндиҳандаи фурӯшандаро бишносам. Марди миёнасолест, ки мисли ман талабгори шакар менамояд, дар даст як халтаи селофании “Тангем” дорад. Чун мебинад, ки авзои ман бечӯст, боз луқма мепартояд:

- Рост, охир. Дар Тоҷикистон шакар ё қанд истеҳсол намешавад ку! Агар огоҳ бошед, Хадамоти гумрук хабар дода буд, ки дар семоҳаи аввали соли 2022 ба Тоҷикистон 19,5 ҳазор тонна шакар ва маснуоти қаннодӣ ворид шудааст. Ин барои кӯдакони ширинидӯстдори тоҷик чӣ мешавад!?

- Пас, чӣ кор кунем!? Аз ширинӣ даст кашем?,- башиддат ва бо кароҳат мепурсам ман.

Марди ношинос чанд сония хомӯш мемонад, бо нӯги панҷаи дасти рост сарашро мехорад ва ба сухан гуфтан оғоз мекунад:

- Соли 1992 як ширкати чинӣ бояд дар вилояти Хатлон корхонаи истеҳсоли шакар таъсис медод, аммо ин кор амалӣ нашуд. Ҳоло як роҳ аст. Пешниҳоди Пажуҳишгоҳи иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро дастгирӣ кардан лозим. Ин пажуҳишгоҳ пешниҳод кардааст, ки барои бо шакари истеҳсоли ватанӣ таъмин намудани аҳолӣ бояд кишти васеи лаблабуи қанд ба роҳ монда шавад...

Мо дар ин гуфтугӯ, ки овози ғазаболуди модари фурӯшанда баланд мешавад:


- Ҳой, бача, нагуфтам, ки қандчойи маро дар ягон ҷойи соз мон, то нарезад!?...

Ҳис кардам, ки аз нӯги ангуштон то оринҷи дастам кам-кам тар шуд. Чашмонамро нимроғ кардаму баъди наззораи атроф фаҳмидам, ки лимучойи шаб канори ҷойхоб гузоштаам чаппа шудааст.

Ба соддагии худ хандидам ва боз экстрасенс Холиқназар Ҷумъазода ба ёдам омад. Худ ба худ гуфтам, ки “ман аниқ аз тарси монополистон аз Русия шакару аз Ҳиндустон найшакар ворид карда наметавонам, вале ӯ дар таъбири ин хоб чӣ мегуфта бошад?”.

Фазлиддин АСОЗОДА,
"Тоҷикистон"

НАРХИ МИЁНАИ ШАКАР ДАР 5 МОҲИ ОХИР



РАВҒАН АРЗОН МЕШАВАД

Тоҷикистон истеҳсоли равғани растаниро зиёд мекунад

Тоҷикистон дар давоми се соли наздик ният дорад, ки истеҳсоли равғани растаниро ба миқдори 57% зиёд карда, воридоти онро дар ин давра 2,1% кам кунад. Дар ин бора дар “Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024” маълумот дода шудааст.

Дар пайи болоравии нархи маҳсулоти ниёзи аввал дар кишвар қимати равған низ боло рафт. Ин боиси норозигии мардум гардид. Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” низ ҳафтаи гузашта дар ин мавзуъ матлабе ба нашр расонида буд. Ахиран маълум шуд, ки дар доираи “Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024” истеҳсоли равған дар кишвар афзоиш меёбад. Мувофиқи ин санад, то соли 2024 ҳаҷми воридоти равғани растанӣ ва чарбӯ то 94 ҳазор тонна коҳиш меёбад.



Дар ҳамин ҳол, ҳаҷми воқеии воридот дар соли гузашта ба таври назаррас аз нишондиҳандаи нақшавӣ зиёд шуда, аз хориҷи кишвар ба маблағи беш аз 148 млн доллар 123 ҳазор тонна равған харида шуд.

Тибқи нақша, бояд 100 ҳазор тонна харида мешуд. Дар се моҳи аввали соли 2022 Тоҷикистон ба маблағи 42 млн доллар аллакай 37 ҳазор тонна равғани растанӣ ворид намуд. Тибқи арзёбии коршиносон, имсол ҳам воридот метавонад аз нақша зиёд шавад.

Дар баробари ин, дар дохили кишвар ният доранд, ки ҳаҷми истеҳсоли равған, асосан равғани пахтаро зиёд кунанд.

Дар ҷаласаи рӯзи 23-юми марти ҳукумат президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид дастуру супоришҳо дод.

Айни замон дар чумхурӣ 52 корхонаи истеҳсоли равғани растанӣ фаъолият дошта, иқтидори умумиашон 80 ҳазор тонна дар як солро ташкил медиҳад.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

Гавҳар Ҷӯраева:

20 СОЛИ ХИДМАТИ СОДИҚОНА БА МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК



Давоми ду даҳсолаи охир зимни омӯзиши зиндагӣ ва кору бори муҳоҷирон бо зани ғамхори тоҷикони муҳоҷир Гавҳар Ҷӯраева - фаъоли иҷтимоӣ, роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии ҳамгироии "Муҳоҷират ва қонун" (Интеграционный Центр "Миграция и закон")-и шаҳри Москва борҳо дидору суҳбат доштам.

Ҳангоми суҳбат бо ин зани хоксору меҳрубон, ки бори аввал ба зимистони соли 2003 иттифоқ афтода буд, апаи Гавҳар нақл кард, ки соли 1993 ҳангоми бесарусомониҳо бо аҳли оилааш ба пойтахти Русия омада буд. Дар ин шаҳри бузург сарсониву саргардонӣ ва бехуқуқии мардуми оворaи тоҷикро дида, барои ҳимояи шараф ва номуси ҳамватанонаш камари ҳиммат баст ва соли 1996 ташкилоти "Фонди Тоҷикистон"-ро таъсис дод, ки он расман соли 1998 ба қайд гирифта шуд. Ин Фонд дар навбати аввал ба муҳоҷирони дар ҳолатҳои вазнин гирифторшуда кемакҳои пулӣ ва маслиҳатҳои ҳуқуқиро ба роҳ мемонд. Ӯ ҳатто ба Женева сафар карда, дар сатҳи байналмилалӣ оид ба ҳимояи қонунии муҳоҷирони тоҷик дар Русия садо баланд менамояд.

Солҳои 2000-умро ба ёд меорад Гавҳар Ҷӯраева ва дафтари сабти ҳодисаҳои ба дасти "Скинхед" (тоссар)-ҳо афтидану мачруҳ шудан ва ба ҳалокат расидани муҳоҷирони тоҷикро бо расмҳояшон ба банда нишон медиҳад. Он солҳо дар Москваю Санкт-Петербург ва дигар шаҳрҳои Русия тачамӯи зиёди ба ном фашистон ба назар мерасид, ки ба қавле "сиёҳ"-ҳоро мавриди шикори бераҳмонаи хеш қарор медоданд. Баъдан, бо дастгирии саривақтии Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин он гуруҳҳои ҷиноятпеша дар ҳама шаҳрҳо дастгир ва ба зиндонҳо партофта шуданд.

Соли 2012 зарурат пеш омад, ки Гавҳар Ҷӯраева Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии ҳамгироии "Муҳоҷират ва қонун"-ро таъсис дод, ки дар доираи фаъолияти он муҳоҷирони тоҷик, ӯзбек, қирғиз ва баъдан ҷумҳурии Молдавия низ ба кумаки ҳуқуқии ройгон фаро гирифта шуданд.

Дар ин ташкилот ҳуқуқшиносҳо аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Молдавия ба кор ҷалб карда шуда, бештар тариқи телефон ба корафтодагони ин ҷумҳуриҳо ёрии ҳуқуқӣ мерасониданд. То соли 2012 дар Москва чунин ташкилоти ҳуқуқии ёрирасон вуҷуд надошт.

Хидматҳои арзандаи пуштибони муҳоҷирон Гавҳар Ҷӯраева ҳам аз тарафи ҳукумати Тоҷикистон ва ҳам аз тарафи ҳукумати Русия қадрдонӣ шудаанд.

Соли 2005 Ҷумҳурии Тоҷикистон ин зани шуҷоъу далери тоҷикро "Одами сол" эълон карда буд ва бо медали "Барои хизмати шоиста" сарафроз гардонид. Ҳамчунин, вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамро барои заҳматҳояш нисбати муҳоҷирони тоҷик ба Гавҳар Ҷӯраева Ифтихорнома дода буд.

Аз тарафи ҳукумати шаҳр ва вилояти Москва ва роҳбарияти муҳоҷирати Русия низ барои хидматҳои арзандааш нисбати ба танзим даровардани муҳоҷирони кории ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва ҷумҳурии Молдавия бо чандин раҳматномаву ифтихорномаҳо қадрдонӣ шудааст. Соли 2015 бошад, барои хидматҳои беназираш, ин зани сиёсатмадори тоҷик барандаи мукофоти байналхалқии гуруҳи Хелсинки дар Москва гардид.

Мо борҳо мусоҳибаҳои ӯро бо журналистони рус дар шабакаҳои телевизионии Русия тамошо кардаем. Як баҳси телевизионии ин ҳимоятгари ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик бо роҳбари Ҳизби либералии Русия Владимир Жириновский ҳамаро ба ҳайрат гузошта буд. Ӯ бо забони бурро ва далелҳои қатъӣ тавонист забони ин сиёсатмадори ҳарзагӯйро бубандад.

Гавҳар Ҷӯраева духтари бовафои олими барҷаста, собиқ ректори Институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченкои РСС Тоҷикистон шодравон Қандил Ҷӯраев ҳастанд.

Дар як суҳбати телефоние, ки чанде қабл доштем, Гавҳар Ҷӯраева бо садои хаста изҳор доштанд, ки як сол зиёдтар аст, ки дар бистари беморӣ ҳастанд. Банда ба ин зани муборизу ғамхори муҳоҷирони тоҷик ва дигар миллатҳои дунё шифои очилу комил орзу дорам.

Талабшо ХОЛИҚЗОД,
муаллифи китоби
"Тоҷикон дар Русия"



ҚАЛЛОБ

Дирӯз аз кор омада, ба мағоза даромадам ва харид кардам. Аз он ҷо баромада, аз сари кӯча мева харидanӣ шудам. Ҳамин замон марди қаддарози хушлибоси тақрибан 50-55-сола ба ман муроҷиат кард:

- Муаллим, мумкин аз телефони мобилии шумо занг занам. Симкорти ман «Вавилон» аст. Ҳоло пул надорад. Мехоҳам ба рақами «Мегафон» занг занам. Шумо-ку симкорти «Мегафон» доред?

- Боз ба ягон террорист занг зада, ба бало гирифтор накунӣ?,- гуфтамаш нимшӯхиву нимҷиддӣ.

- Наход ба террорист монанд бошам,- гуфт ӯ.

- Хуб, рақаматро бигӯ,- гуфтам ба ӯ.

Марди зиёинамо рақами «Мегафон»-ро гуфт ва ман рақамчинӣ карда, баъди занг рафтан гӯширо ба вай додам ва худ аз пайи харид шудам.

Ӯ гуфтугӯ карда, аз ман дур мешуд. Ман аз ӯ дида наканда, бо фурӯшанда ҳисобӣ кардам ва гуфтамаш:

- Телефонро биёр, ман меравам.

Ӯ гӯширо дод ва ташаккурро нася монда, ба даруни издиҳоми роҳгузарон даромад ва аз назар нопадид шуд.

Ба хона омада, занг заданӣ шудам. Барои зангзанӣ маблағ набуд. Лимити зангҳои берунии симкортам адо шудааст. Ба рӯйхати зангҳо нигаристам. Маълум шуд, ки марди роҳгузар ба рақами гуфтааш, ки «Мегафон» буд занг назада, бо рақами «Вавилон» гуфтугӯ карда ва дақиқаҳои маро «хӯрдааст».

Ҳамарӯза чунин ҳодисаҳо зиёд рух медиҳанд. Ин як ҳодисаи оддӣ бошад ҳам, қаллобӣ аст.

Ҷовид МУҚИМ,
журналист

PRESSA.TJ
Сомонаи нашрияи ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ҚИСМАТИ МАН ҲАМИН АСТ

Ситораи Бунафша зуд хомӯш шуд!

Дар охирин рӯзи баҳор, 30-юми майи соли равон қалби яке аз сарояндаҳои шинохтаи кишвар, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Бунафша Шокирова аз тапидан бозмонд. Марҳум ҳамагӣ 50 сол дошт ва вақтҳои охир аз бемории саратон ранҷ мекашид. Ёдаш ба хайр!

... Бунафша Шокирова зодаи диёри Муъминобод аст. 17-уми июни соли 1972 таваллуд шудааст. Дар оилаи серфарзанд ба воя расида, миёни 10 фарзанди падар нахустин буд. Меҳри санъат, бахусус сарояндагӣ аз хурдӣ дар замираш пайдо шуд. Дар даврони мактабхонӣ дар кружокҳои ҳаваскорӣ ҳунарнамоӣ мекард. Вале баъди хатми мактаб бо тавсияи падару модар ҳуҷҷатҳояшро ба донишгоҳи тиббӣ супорид, то ки табиб шавад. Бале, ӯ табиб нашуд, вале бо сурудҳои мондагор, бо овози махмалину дилнишинаш ҳабиби мардуми кишвар гардид.

Муаллима Муборак Турсунова дойираро ҷӯр карду Бунафша сароид: “Илоҳӣ, оҳ кашум, дар гирӣ”... Ҳамин тавр, донишҷӯ шуд. Солҳои аввал тақлидкорӣ мекард. Сурудҳои Сурайё Қосимова, Малика Саидова, Нуқра Раҳматова, Мастона Эргашева, Муҳаррама Шарифова, Лола Азизова...-ро месароид. Ин тақлидкориҳо барои ӯ мактаби ҳунарӣ буданд.

Дар даврони донишҷӯйӣ ба Ансабли “Ганҷина”-и Зафар Нозим пайваст ва аз мактаби ин ҳунарманди мумтоз гузашт. Нав болу пар мебароварад, ки дар кишвар нооромиҳо оғоз шуданд. Ӯ маҷбур шуд, ки ба Муъминобод баргардад. Вале дар деҳа зиёд наистода, ба пойтахт баргашт.

Ҳангоми сабти сурудди “Кабки хиромон”, ки аз ганҷинаи халқ аст, садояшро Саидқул Билолов шунида, ӯро ба кор, ба ансамбли овозадори “Дарё” даъват кард. Ӯ ба “Дарё” ғӯттавар шуд ва аз ин мактаби бузург гузашта,



Дар суҳбате ба банда гуфта буд: “Як хол нарасиду донишҷӯ нашудам. Ноумед гардидам. Гуфтанд, ки касе як сол дар бемористон кор кунад, соҳиби имтиёз мешавад ва соли оянда ба осонӣ донишҷӯ хоҳад шуд. Розӣ шудам ва дар яке аз бемористонҳо нафозаткор - санитарка шуда кор кардам. Дар ин муддат дарк намудам, ки кори табибон душвор аст, бинобар ин, соли оянда, пинҳонӣ аз волидайн донишгоҳи тиббӣ гуфта, ҳуҷҷатҳоямро ба донишкадаи санъат супоридам”.

Ӯ он замон аз деҳа омадаву намедонист, ки донишкада факултаву шуъбаҳои алоҳида дорад. Бинобар ин, ба саҳни донишгоҳ расидан замон аз посбон бо дили пур пурсид: “Ҷойи байтхонӣ куҷодай?”. Ӯро то синфхона роҳнамоӣ карданд. Ду нафар менишастанд, яке Бозор Сафаралиев, дигаре Муборак Турсунова. Пурсиданд, ки чӣ мехонӣ? Гуфт, байт мехонум, аз апаи Муҳаррама Шарифова.

зуд шуҳратёр гардид. 10 албом сабт кард, ки беш аз 100 сурудро дар бар мегиранд. Ҳамаи ин сурудҳо дар хазинаи тиллоии телевизион ва радиои кишвар сабт шуда, дар қалби мардум маъво гирифтаанд.

Бештар дуэтҳояш бо шодравон Қурбоналӣ Абдуллоев ӯро шуҳратёр намуданд.

Ин суруди ӯ вирди забони хосу ом ва ҳамаи ватандӯстон аст:

Тоҷикистон,
Ёдгори Оли Сомон!
Тоҷикистон,
Ифтихори Оли Сомон.

Бунафша Шокирова солҳои охир аз ансамбли “Дарё” ба нафақа гусел шуда, дар Филармонияи давлатӣ фаъолият мекард. Дар айни авҷи камолоти эҷодӣ ва пур аз энержӣ буд. Афсӯс, ки ин ситораи пурҷило хомӯш шуд. Ӯ сабаби ғурубашро дар як сурудаш гуфтааст: Қисмати ман ҳамин аст!

О. СОҲИБЗОДА

НИЗОМИ ПАРДОХТИ МИЛЛИИ «КОРТИ МИЛЛӢ»

тавлидгари ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Тоҷикистон

Амонатбонк ҳамчун як бонки давлатӣ шинохта шудааст. Аз ин ҷиҳат мардум низ ба ин бонк таваҷҷуҳ доранд ва аз хизматрасониҳояш истифода мебаранд. Фаъолияти Амонатбонк низ чанд соли охир муассир дониста мешавад. Ин бонк бо беш аз 3000 корманд имрӯз ба зиёда аз 23 ҳазор корхонаю ташкилот, 771 ҳазор нафақагир, 1,7 млн амонатгузор тавассути 75 филиал ва 547 маркази хизматрасонии бонкӣ дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ хизмат расонида истодааст. Бо Шуҳрат Холиқов, директори Маркази протсессингии низоми пардохт доир ба фаъолияти низоми пардохти миллии "Корти миллӣ", истифодаи кортҳои пардохтӣ, чӣ гуна эмин мондан аз ҳар гуна хавфҳо суҳбате анҷом додем, ки фишурдаи он пешниҳоди хонандагон мегардад.



- Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" дар Тоҷикистон чандин сол аст, ки фаъолият дорад. Нигоҳи шумо ба ин низом чист?

- Мақсади асосии таъсиси низоми пардохти миллӣ - ҳалли масъалаи рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ чиҳати коҳиш додани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми интиқоли маблағҳо, таъмин намудани шаффофияти амалиётҳо ва коҳиш додани ҳар гуна хавфҳо мебошад. Инчунин, бо мақсади таъмин намудани устувории низоми бонкию молиявӣ дар кишвар ва ба амал овардани заминаи мусоид барои амалиётҳо ин низом таъсис ёфтааст. Айни замон тибқи иҷозатномаи БМТ Амонатбонк танзимгари низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" маҳсуб мешавад.

- Иртиботи шумо бо ташкилотҳои қарзию молиявӣ чӣ гуна аст?

- Амонатбонк, ҳамчун танзимгари низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ созишнома оиди иштирок дар низоми мазкур ба имзо расонидааст. Инчунин, ба ташкилотҳое, ки ба низом мустақиман пайваст мешаванд, яъне тавассути марказии протсессингии низоми пардохт, хизматрасонии протсессингӣ пешниҳод менамояд. Дар робита ба ин, мо бо беш аз 25 ташкилоти қарзии молиявӣ дар Тоҷикистон ҳамкорӣ карда истодаем.

Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" бо маркази протсессингии низоми пардохт, қаблан то соли 2017 дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ташкил гардида, фаъолият менамуд. Сипас, моҳи апрели соли 2017 танзими пурраи низом ва маркази протсессингӣ аз Бонки миллӣ ба Амонатбонк гузашт. Яъне, он бо тамоми хизматрасонӣ ва таҷҳизоташ ба Амонатбонк интиқол ёфт.

- Бигӯед, ки низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" барои муштариён ва ташкилотҳо чӣ медиҳад?

- Вобастагӣ аз дигар низомҳои пардохти ва хавфҳои берунаро кам мекунад. Аз ҷумла, Visa, MasterCard ва дигар низомҳои пардохтии байналмилалиро дар назар дорам. Мо дар дохили ҷумҳурӣ мустақил мебошем. Ин як платформа аст, ки хизматрасонии босифати бонкҳоро таъмин менамояд. Ҳамчунин, ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва таъмини мизоҷон бо кортҳои бонкӣ мусоидат менамояд. Яъне, пардохти музди меҳнат ва нафақа тавассути низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" сурат мегирад.

- Ҳоло дорандагони корти миллӣ чӣ қадаранд?

- Дар умум, аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2021 ба мизоҷон 3,5 миллион корти бонкӣ пешниҳод шудааст. Ин рақам нисбат ба соли гузашта 24,4 фоиз бештар мебошад. Аз миқдори умумӣ 73,6 фоиз ба низоми пардохти миллии "Корти миллӣ", 11,4 фоиз ба кортҳои низоми дохилии (локалӣ) худи ташкилотҳои молиявӣ ва 8,5 фоиз ба кортҳои низоми байналмилалӣ ва 6,2 фоиз ба кортҳои муштаракнишон рост меоянд.

- Бештари кортҳо дар кучо истифода мешаванд?

- Аз шумораи умумии кортҳо 25 фоиз ба шаҳри Душанбе, 28 фоиз ба вилояти Суғд, 27 фоиз ба вилояти Хатлон, 17 фоиз ба НТМ ва 3 фоиз ба ВМКБ рост меояд. Ҳоло аз тарафи ташкилотҳои қарзию молиявӣ 1412 банкомат ва 4878 терминали электронӣ насб карда шудааст. Аз ин 1848 адад дар нуқтаҳои пардохти пули нақд ва боқимонда дар марказҳои савдою хизтматрасонӣ насб карда шудаанд.

- Имрӯз мушкилие мардумро нигарон кардааст. Дар баъзе маврид набудани маблағ дар банкоматҳо. Оё ташкилотҳое, ки иштирокчии низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" ҳастанд, наметавонанд ин муамморо ҳал кунанд?

- Ҳар як бонк вазифадор аст, ки банкоматҳои худро бо пул таъмин кунад. Вазифаи аввалиндараҷаи мо ин танзимии умумии низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" аст.

- Ин хизматрасонӣ аз чӣ иборат аст?

- Пешниҳод намудани пули нақд, таъмин намудани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ бо пос-терминалҳо. Яъне, фароҳам овардани шароити хизматрасонии босифат ба мизоҷ. Кумаки техникиро низ мо анҷом медиҳем, яъне аксарияти ташкилотҳо дар маркази протсессингии низоми пардохт хизматрасонӣ мешаванд. Аз ин ҷиҳат сохтори мо Маркази протсессингии низоми пардохт ном гирифтааст.

- Ҳамчун мутахассис бигӯед, ки меъёри бо пул таъмин намудани як банкомат дар як рӯз чӣ қадар аст?

- Ин вобаста ба ҳаҷми ғунҷоиши банкоматҳост. Аз 100 000 то 700 000 сомониро метавон дар банкомат ҷойгир кард. Албатта, агар бо пули калон гузоранд.

- Хизматрасонии ташкилоти карзии молиявӣ дар ин марказ боз чӣ бартарӣ дорад?

- Пайвастшавӣ ба низоми пардохти миллӣ ду шакл мешавад: ё дар маркази протсессингии низоми пардохт ё тавассути маркази протсессингии худи ташкилоти карзии молиявӣ. Яъне, агар ташкилот инҳауспротсессинг дошта бошад. Айни замон чанде аз бонкҳо маркази протсессингии худро доранд. Бо вуҷуди ин, иштирокчии низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" мебошанд. Мо танзимгари ҳамин низом ҳастем ва назорат мекунем. Аммо хизматрасонии техникиро худи ташкилоти дорои маркази протсессингӣ анҷом медиҳад.

- Пас, ҳар бонк метавонад дар алоҳидагӣ маркази протсессингӣ дошта бошад?

- Бале, ба ин ҳуқуқ дорад. Аммо ташкилоте, ки шумораи ками корт дорад, барояш ин вазнин аст. Зеро нигоҳдории маркази протсессингӣ харочотҳои марбутаи худро дорад.

- Дар маркази шумо чанд нафар кор мекунанд?

- 27 нафар фаъолият доранд. Чор шуъба дорем: фардикунии кортҳои бонкӣ, роҳбаладии иштирокчиёни низоми пардохт, коркарди амалиёт, рушд ва ҳамкорӣ бо низомҳои пардохтҳои байналмилалӣ.

- То чое огоҳ ҳастем, шумо кортҳои чипдори "Корти миллӣ"-ро ҳам пешниҳоди мизоҷон кардаед. Он чӣ медиҳад?

- Пеш аз ҳама, бехатарӣ. Инчунин, тавассути ҳамгироии байни низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" бо низоми миллии корти пардохтии Русия – танзимгари низоми пардохти "МИР" имконияти хизматрасонии кортҳои "Корти миллӣ" дар шабакаи шарикон, аз ҷумла дар низоми Узкарти Ӯзбекистон, Белкарти Белорус ва дигарон ба роҳ монда мешавад. Яъне, дар куҷое, ки низоми пардохти "Мир" хизматрасонӣ мешавад, кортҳои низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" кор мекунад. Дорандаи корт метавонад кортҳои ин низомҳо маблағ низ интиқол диҳад. Пештар "Корти миллӣ" танҳо дар дохили Тоҷикистон истифода мешуд. Аммо акнун он дар якчанд давлатҳо хизматрасонӣ мешавад. Яъне бо ҳамин корти миллӣ имконияти хизматрасонӣ дар Русия, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркия, Арманистон, Белорус ва дигар давлатҳо пайдо гардид. Маблағ ба таври автоматӣ ҳисоббарорӣ мешавад. Мизоҷ дар кадом кишваре ки бошад, асъори ҳамон кишварро мегирад. Шахрвандони хориҷӣ бошанд, дар Тоҷикистон асъори сомонӣ мегиранд.

- Баъзан муштариён кортро гум мекунанд ё рақами махфиро фаромӯш мекунанд. Онҳо бояд чӣ кор кунанд? Ба кучо мурочиат кунанд?

- Пеш аз ҳама, корт бехавф аст. Вақте ки ҳамён аз кисаатон гум шуд, дигар пайдо карда наметавонед, аммо агар корт гум шавад, пул дар суратҳисоб мемонад. Аммо мизоҷон набояд бепарво бошанд ва рақами махфиро бо корт якҷоя нигоҳ доранд. Мизоҷ бояд ба хизматрасонии смс - паём пайваст бошад, то аз амалиётҳои гузаронидашуда бохабар бошад. Вақте ки корт гум мешавад, тавассути смс - паём метавонад амалиёти корташро қатъ намояд. Ё тавассути маркази тамоси бонк амалиёти корташро боздорад. Баъдан метавонад ба бонк омада, корт ё рамзи махфиро баркарор намояд.

Ҳамзамон мо кӯшиш менамоем, ки аз ҷиҳати ҳифзи маълумот тамоми чораҳои дахлдорро татбиқ ва риоя намоем. Гум шудани корт аз тарафи худи мизоҷ сар мезанад. Ҳоло баъзан тавассути ҳар гуна сайтҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ қаллобоне пайдо шудаанд, ки аз мизоҷ маълумот мегиранд. Масалан, мегӯянд, ки рақами кортро сурат гирифта, барояшон фиристанд. Боз CVV код ва коди тавассути смс ба телефон омадаро пурсида мегиранд. Дар ин ҳолат мизоҷон набояд ба гапи чунин қаллобон дода шаванд. Ин ҳам аз сатҳи маърифати молиявӣ вобаста аст.

- Баъзан мардуми зиёд дар назди банкоматҳо ҷамъ шуда, барои гирифтани пул навбатпоӣ мекунанд. Онҳо аз пул надоштани банкоматҳо ҳам шиква мекунанд. Чаро? Ин мушкилӣ кай ҳал мешавад?

- Омилҳо гуногунанд. Асосан охир ва аввали моҳ дар назди банкоматҳо навбатпоӣ сурат мегирад. Зеро ҳама маоши худро мегиранд. Дар рӯзҳои дигар банкоматҳо ҳамеша пул доранд ва навбатпоӣ хам камтар ба назар мерасад. Боя аз хизматрасониҳои фосилавӣ бештар истифода намоем, яъне тавассути замимабарномаҳо пардохтҳои гуногун ва интиқоли маблағ анҷом диҳем. Ин пеш аз ҳама сарфаи вақт аст. Яъне бе навбат 24 соат давоми рӯз метавон пардохтҳо ва дигар амалиётҳои бонкиро анҷом дод. Инчунин, зарурати нигоҳ доштани пули нақд аз байн рафта, ҷиҳати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ заминаи хуб мегузорад.

Мусоҳиб
У.РАҲИМЗОДА

ИСФАРА ЯКЕ АЗ ШАҲРҲОИ ПЕШРАФТА ДАР ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БУДА, МАРДУМИ МЕҲНАТҚАРИНАШ ДАР ҲАМА САМТҲОИ ҲАЁТИ ҶОМЕА БО ТАЛОШҲОИ ПАЙГИРОНА БАҲРИ ОБОДОНИИ НАЗАРРАС САҲМ МЕГУЗОРАНД. РАИСИ ШАҲРИ ИСФАРА БАҲОВАДДИН БАҲОДУРЗОДА БО ҚАНОАТМАНДӢ АЗ САМИМИЯТУ МЕҲНАТДӮСТИИ МАРДУМ ИЗҲОР МЕДОРАД, КИ “ҲАМАИ ЗАХИРАВУ ИМКОНИЯТҲОИ МАВҶУДА ҶИҲАТИ РУШДИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲР, ВУСЪАТ ДОДАНИ КОРҲОИ СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ, ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛИИ АҲОЛӢ САФАРБАР ГАРДИДА, НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСӢ ДАР КУЛЛИ СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ ТАЪМИН КАРДА ШУДА ИСТОДААСТ”.



Исфара:

БАРОИ ҶАЛБИ САЙЁҲОН ТАМОМИ ИМКОНИЯТҲО ИСТИФОДА МЕШАВАНД

Буҷет ва фазои сармоягузорӣ

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара ба таъмини иҷрои нақшаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Ҳамин аст, ки дар семоҳаи аввали соли 2022 нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 104,0 фоиз иҷро шуда, ба буҷет 43 млн 690 ҳазор сомонӣ ва ё 1 млн 657 ҳазор сомонӣ зиёд маблағ ворид гардидааст. Мувофиқи таҳлилҳо дар ин давра воридоти буҷети давлатӣ бе назардошти андози иҷтимоӣ 35 млн 081 ҳазор сомониро ташкил намудааст, ки ба 104,0 фоизи нақша баробар аст.

Фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ ва таъмини рушди бахши хусусӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ба ҳисоб меравад. Ба 01.04.2022 шумораи соҳибкорони хурду миёна, ки аз қайди нозироти андоз гузаштаанд, 17251 ададро ташкил додаанд, аз он ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ 12369 адад, саноат 72 адад, сохтмон 32 адад, савдо 579 адад, соҳаи хизматрасонӣ 479 адад, хизмати молиявӣ 18 адад, нақлиёт ва алоқа 8 адад ва дигар сохторҳо 705 адад.

Аз шумораи умумии соҳибкорон 17051 ададашон соҳибкорони инфиродӣ буда, аксарияти онҳо (12310 нафар) дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд.

Саноат ва сохтмон

Дар давраи ҳисоботӣ маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ бо дарназардошти маҳсулоти сектори хусусӣ ва хизматрасониҳо 116 млн 210 ҳазор сомонӣ буда (128,3 фоиз), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25 млн 612 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз тарафи 51 корхонаи дар қайди омор буда дар ин давра ба андозаи 71 млн 516 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки ба 179,8 фоизи таъмин гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 31 млн 744 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра 24 ва ё 47,0 фоизи корхонаҳои саноатӣ истеҳсоли маҳсулотро дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд намудаанд.

Дар давоми семоҳаи аввали соли 2022 аз шаҳри Исфара ҳамагӣ ба маблағи 5 млн 237 ҳазору 078 доллари амрикоӣ маҳсулот содирот карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 3 млн 047 ҳазор 142 доллари амрикоӣ зиёд мебошад.



Баҳовaддин Баҳодурзода - раиси шаҳри Исфара

Ҳамзамон, ҷиҳати саривақт ва тибқи меъёрҳои муқарраршуда сохта ба истифода додани иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ аҳамияти хоса зоҳир карда мешавад. Дар давраи ҳисоботӣ маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 17103,1 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми корҳои бинокорию васлсозӣ 13508,0 ҳазор сомониро ташкил намудааст. Ҳаҷми корҳои пудратӣ ба маблағи 1340,3 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба андозаи 8846 ҳазор метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Рушди кишоварзӣ

Дар семоҳаи аввали соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ 65330,6 ҳазор сомониро ташкил намуда, суръати афзоиши он 105,0 фоиз таъмин гардидааст.

Чорводорӣ дар шаҳри Исфара яке аз соҳаҳои асосии кишоварзӣ арзёбӣ гардида, чорводорон ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар давоми се моҳи соли 2022 мувофиқи хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонӣ - 390,2 тонна гӯшт, 1094,2 тонна шир, 77,8 ҳазор дона тухм истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 55,9 тонна гӯшт, 243,4 тонна шир зиёд аст. Саршумори чорвои калони шохдор 5842 сар, аз он модагов 2006 сар, моли майдаи шохдор 6306 сар, паранда 32498 сар ва асп 71 сарро ташкил додааст.

Дар тирамоҳи соли 2021 барои ҳосили соли 2022 хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонии шаҳру деҳоти Исфара дар майдони 886,1 гектар кишти тирамоҳӣ гузаронидаанд, ки аз он гандум 827,4 гектар, ҷав 19,66 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 39 гектарро ташкил медиҳад.

Ҳифзи тандурустӣ

Дар шаҳри Исфара ҳамагӣ 77 муассисаҳои тиббӣ фаъолият доранд, аз ҷумла 1 адад Беморхонаи марказии шаҳрӣ бо 777 кати табобатӣ, беморхонаи пӯсту таносул бо 30 кат, 5 адад беморхонаҳои минтақавии деҳот бо 200 кат, Маркази мубориза бар зидди бемории сил бо 25 кат, Маркази наркологӣ бо 10 кат, 4 адад Маркази саломатии шаҳрӣ, 15 Маркази саломатии деҳот, 23 адад бунгоҳҳои саломатӣ, 1 адад Маркази имуннопрофилактика, 1 адад Маркази ҳамбастагии беморихои кӯдакона, 1 адад Маркази репродуктивии шаҳр, 5 адад нуқтаи ёрии таъҷилӣ, 1 адад Маркази ВНМО, 1 адад Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, 1 адад Маркази беморихои руҳӣ, 1 адад Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, 11 адад муассисаҳои хусусӣ барои аҳолии шаҳру деҳоти Исфара хизмати тиббӣ мерасонанд.

Шумораи мутахассисони соҳаи тандурустӣ 3561 нафарро ташкил медиҳад, аз он ҷумла мутахассисони дорои маълумоти олӣ дошта 430 нафар ва мутахассисони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ дошта 1789 нафар ва дигарон 1342 нафар мебошанд.

Барои пешрафти соҳаи тандурустӣ дар шаҳру деҳоти Исфара дар семоҳаи аввали соли 2022 аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1 млн 175 ҳазору 127,3 сомонӣ 2 адад нақлиёти ёрии таъҷилии тамғаи “НИССАН” гирифта шудааст. Инчунин, якчанд шуъбаҳои беморхонаи марказӣ аз ҳисоби махсуси беморхона бо таҷҳизоти хозиразамони тиббӣ таъмин карда шудаанд.

Маориф, фарҳанг ва рушди сайёҳӣ

Дар шаҳри Исфара ҳамагӣ 88 муассисаи таълимӣ амал мекунад, ки аз он 1 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 1 мактаб-интернати махсус барои бачагони қувваи босираашон суст ва зарир, 1 мактаби ибтидоии хусусии «ТОРУАН» ва 1 муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии «Академияи Контакт Интернэшнл» мебошад. Инчунин, дар шаҳраки Шӯроб як хонаи бачагон амал намуда, тарбиятгирандагонаш дар МТМУ №11 таҳсил мекунанд. Дар 88 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 49911 нафар хонандагон, аз он ҷумла 24567 духтарон таҳсил доранд. Шумораи умумии омӯзгорон 3178 нафар мебошанд. Дар 88 муассисаи таълимӣ ба ҳолати моҳҳои январ-апрели соли 2022 шумораи тахтаи электронӣ ба 72 адад ва компютерҳо ба 2220 адад расидаанд. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Исфара дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳо иштирок намуда, ба гирифтани 101 ҷойи ифтихорӣ мушарраф гардидаанд.

Дар шаҳр 32 муассисаҳои томактабӣ бо фарогирии 2990 кӯдак фаъолият менамоянд. Дар муассисаҳои мазкур 194 мураббӣ, аз ҷумла, 66 нафар бо таҳсилоти олӣ, 10 нафар бо таҳсилоти олии нопурра ва 118 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ба таълиму тарбия машғуланд.

Дар назди 49 муассисаи таҳсилоти умумӣ 70 гуруҳи маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 1537 кӯдак таъсис дода шудааст.

Дар шаҳру деҳоти Исфара 45 муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 22 китобхонаҳо бо 180497 адад махзани китобӣ, 5 мактаби санъат бо 738 нафар хонандагон аз рӯйи 18 намуди ихтисос, 3 осорхона бо 4013 адад нигораҳои таърихӣ ва 155 адад ёдгориҳои таърихӣ, 14 муассисаҳои клубӣ, 1 театри халқӣ, 1 муассисаи давлатии боғи фарҳанг ва фароғатии ба номи Сайфуддини Исфарангӣ мавҷуд аст.

Дар давраи ҳисоботӣ муассисаҳои фарҳангии шаҳр 349 чорабинии оммавии фарҳангӣ ва сиёсӣ гузаронидаанд, ки дар онҳо 6697 нафар иштирок кардаанд.

Давоми се моҳи соли ҷорӣ аз шаҳру деҳоти Исфара 5654 нафар сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ дидан намудаанд, ки аз ин теъдод 35 нафар сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

Дар шаҳру деҳоти Исфара 3 осорхонаи таърихӣ, 5 хонаосорхона, 164 ёдгории таърихӣ, беш 50 мавзеи сайёҳию фароғатӣ ва Осоишгоҳи «Зумрад» ҷойгир шудааст, ки ҳамарӯза сайёҳони дохиливу хориҷӣ аз ин маконҳо дидан менамоянд. Дар маркази шаҳр боғи фарҳангию фароғатии ба номи Сайфуддини Исфарангӣ, маҷмааи фароғатии «Ҷаҳони нав» амал намуда, баҳри болидахотирии сайёҳон ва сокинони шаҳру деҳоти Исфара дар ин боғҳои фарҳангию фароғатӣ барномаҳои фарҳангӣ тариқи ройгон пешкаш карда мешаванд.

Баҳри рушди сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои нақлиётӣ хатсайрҳои сайёҳӣ ташкил карда шудаанд, ки тавассути онҳо сайёҳон аз ҷойҳои таърихии Исфара, аз қабили «Лангари Моҳиён» «Ҳазрати Шоҳ», «Тангии сурх», «Шимурғон-бобо», «Қалъаи Сурх», «Мадрасаи Абдуллохон» дидан мекунанд. Таваҷҷуҳи асосии сайёҳон ба сайёҳии солимгардонӣ ва табобатӣ, пиёдагардӣ, агросайёҳӣ, саноатӣ, велотуризм ва мототуризм равона карда шудааст.

Бино ба гуфтаи раиси шаҳри Исфара Баҳовaддин Баҳодурзода, ҳамзамон, “китоби «Роҳнамои сайёҳ» бо забони русӣ чоп ва паҳн карда шуда истодааст. Тавассути сомонаҳои интернет, хосатан дар шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» гуруҳи рушди сайёҳии Исфара таъсис дода шудааст, ки тавассути он хабару навгониҳои Исфара ва минтақа вобаста ба рушди сайёҳӣ ҳар рӯз нашр карда мешавад”.

- Тамоми имкониятҳои мавҷударо барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳр, ободу зебо гардонидани диёру ҷалби сайёҳон ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум истифода мебарем,- мегӯяд раиси шаҳр.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

КЕМБРИҶ ДАР ДУШАНБЕ

10 соли фаъолият ва дастовардҳо

Аз таъсиси Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе 10 сол сипарӣ мешавад. Муҳибулло Зувайдуллозода, директори Мактаби байналмилалии Президентӣ, номзади илмҳои фалсафа дар суҳбат мегӯяд, ки мактаб бо ташаббуси Президенти мамлакат бунёд гашта, 1-уми сентябри соли 2012 ифтитоҳ ёфт. Ӯ ба хабарнигори "Тоҷикистон" доир ба дастовардҳои мактаб ва иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилӣ, имтиёз ба хонандагони болаёқат ва маблағи таҳсилу шароити таълим маълумот дод.



Низоми Кембриҷ дар Душанбе

"Ҳадаф аз таъсиси он таълими хонандагонест, ки тавонанд дар донишгоҳҳои пешоҳанги ҷаҳон таҳсили худро давом диҳанд ва баъдан ҳамчун кадрҳои баландихтисос ба ҷумҳурӣ баргарданду дар рушду нумӯи кишварамон нақши арзанда гузоранд. Барномаи таълимие, ки дар литсей амалӣ мешавад, дар заминаи барномаҳои Донишгоҳи Кембриҷи Оксфорд, баъзе фанҳо мувофиқи стандарти пешбининамудаи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон таҳия ва роҳандозӣ шудаанд",- иброз дошт Муҳибулло Зувайдуллозода.

Мавсуф бар ин назар аст, ки дар солҳои аввали таъсис ва фаъолият, албатта, мушкилот ҷой дошт: дастрасӣ ба китобҳои таълимӣ, кадр ва ғайра. Бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон мушкилоти мавҷуда бартараф гардид. Имрӯз дар мактаб низоми хуби омӯзиш барои хонандагон муҳайё шудааст. "Мушкилоти кадриро аз ҳисоби ҷавонони болаёқату дорои диди тоза аз дохили кишвар ҳал кардем. Боз тавонистем, ки омӯзгоронро аз кишварҳои хориҷӣ: Амрико, Филиппину Ҳиндустон, Покистон ва Нигерия ҷалб намоем. Ин иқдом имрӯз ҳам идома дорад. Ба мувофиқа расидем, ки соли таҳсили нав боз 3 нафар омӯзгор - 1 нафар аз Покистон ва 2 нафар аз Ҳиндустон барои идомаи фаъолият ба мактаб ҷалб шаванд. Дар тӯли 10 соли фаъолият мо тавонистем мақсадҳоеро, ки дар назди муассиса гузошта шуда буданд, амалӣ созем. Барои муассисае, ки низоми таҳсилоти дохилӣ ва байналмилалиро муаррифӣ кардан хоҳад, албатта, 10 сол кифоя нест. Аммо дар ин муддат ба як қатор муваффақиятҳои назаррас ноил гаштем. Аз 42 то 50 фоиз хатмкунандагони мактаб ба донишгоҳҳои олии бонуфузи хориҷӣ дохил шуданд. Умуман, 100 фоизи хатмкунандагони таълимгоҳ ба макотиби олии дохил ва хориҷ шомил мешаванд",- мегӯяд Зувайдуллозода.

Таҳсил дар муассисаҳои бонуфуз

Айни замон хатмкардани мактаб дар кишварҳои Швейтсария, Канада, Амрико, Олмон, Русия, Чин, Қазоқистон, Туркия... таҳсил доранд. "Онҳо ҳамеша бо мо иртибот доранд. Хатмкардагони солҳои пештар аллакай дар ширкату идораҳои бонуфузи байналмилалӣ ва дохилӣ кор мекунанд",- бо хушҳолӣ изҳори назар кард директори таълимгоҳ.

Дар мактаб хонандагон асосан фанҳоро бо забони англисӣ меомӯзанд. Дар баробари ин, бо хоҳиши волидон хонандагон метавонанд забони чинӣ, фаронсавиро омӯзанд. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ таълим дода мешавад. Ҷиҳати такмили забондонӣ омӯзиши забони русӣ низ ба роҳ монда шудааст. "Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф мо заминаи хуби таълимӣ ва омӯзгорони варзида дорем",- иброз медорад М. Зувайдуллозода.

Имтиёз ба хонандагон

Азбаски Мактаби байналмилалии Президентӣ ҷумҳуриявист, аз тамоми қаламрави кишвар хонандагон имкони дар ин ҷо таълим гирифтан доранд. Чанде аз хонандагон бо тавсияи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Мактаби байналмилалалии Президентӣ таҳсил мекунанд.

"Онҳо ҳангоми сафари Пешвои миллат ба манотиқи гуногуни кишвар дар назди мардум баромад намуда, аз худ дониш маҳорати баланди забондонӣ ва суханварӣ нишон додаанд. Инчунин, фарзандони падару модароне, ки дар созмонҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд ё берун аз кишваранд, дар ин мактаб таҳсил мекунанд. Зеро мактаб дорои тамоми шароит, аз ҷумла хобгоҳи замонавӣ мебошад. Ҳоло аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ хонандагон ба таълим фаро гирифта шуда, бо хобгоҳ таъминанд. Дар хобгоҳи мактаб имкони дар як вақт то 640 нафар хонандаро ҷой кардан ҳаст. Хобгоҳ шароити хуб барои зиндагӣ дорад",- иброз дошт Зувайдуллозода.

Дар мактаб хонандагони болаёқат имтиёз доранд? Чунин буд суоли ман ба Муҳибулло Зувайдуллозода.

- Барои онҳое, ки дониш ва маҳорати баланд доранду тавсия шудаанд, таҳсил ройгон мебошад. Як қатор имтиёзҳо ҳам пешбинӣ шудаанд. Масалан, барои иштирок дар ҳар як озмун, ҳатто дар олимпиадаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ тахфиф ҷорӣ намудем. Яъне, хонандае, ки дар як сол, агар дар ду-се олимпиада иштирок карда, сазовори ҷойҳои намоён гардад, маблағи таҳсили вай ба андозаи аз 30 то 70 фоиз кам мешавад. Ба хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои умумичаҳонӣ сазовори медали тилло, нукра ва биринҷӣ мегарданд, барои ҷойҳои 3-юм 40 фоиз, 2-юм 50 фоиз, 1-ум 60 фоиз тахфиф ҷорӣ намудем. Хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои минтақавӣ сазовори медалҳои нукра, тилло ва биринҷӣ мегарданд, мутаносибан аз 30 то 50 фоиз аз ҳаққи пардохти маблағи таҳсил озоданд. Инчунин, хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои намоён мешаванд, аз 10 то 30 фоиз аз пардохти маблағи таҳсил озод карда мешаванд. Ҳадаф аз ин иқдом ҷалби бештари хонандагони лаёқатманд ба муассиса мебошад. Маблағи солонаи таҳсил ба андозаи 3500 доллар муайян шудааст,- посух медиҳад ӯ.

Иштироки хонандагон дар олимпиадаи Амрико

- Яке аз самтҳои асосии фаъолияти муассиса омода намудани хонандагон барои иштирок дар олимпиадаҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. То кучо ба ин муваффақ шудаед?

- Аслан, олимпиадаҳои байналмилалӣ бо забони англисӣ сурат мегиранд. Дар ҳошияи "Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" тавонистем ба дастовардҳои назаррас ноил гардем. Тайи чанд сол аст, ки хонандагони мо дар олимпиадаҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз ин фанҳо иштирок доранд ва сазовори ҷойҳои намоён мегарданд. Имсол тавонистем аз технологияи иттилоотӣ, химия дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойи ифтихорӣ шавем. Бар замми ин, дар олимпиадаҳои гуногуни байналмилалӣ, ки ҳам тариқи ҳузурӣ ва ҳам онлайн мегузаранд, хонандагон ҷойи намоёнро ишғол намуданд. Аз ҷумла, дар олимпиадаи Амрико, ки асосан хонандагони синфҳои 5-6 иштирок мекунанд, 25 нафар аз мактаби мо иштирок намуданд. Аз ин 15 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ шуданд. Ҳамчунин, 21-уми майи соли равон дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони синфҳои 9-10 толибилмони мактаби мазкур иштирок намуда, сазовори ҷойҳои зерин шуданд: аз забони англисӣ Исмаилова Камила ва Изатуллозода Фарзона ҷойи 2-юм, Ҷамшедзода Гулнора ва Абдурахмонова Азиза ҷойи 3-юм, Бадиев Мирзоодил ва Исмоилзода Мунира ҷойи 3-юм ва аз забони русӣ Ашурова Дилноза ва Шаҳрбону Ширинова ҷойи 2-юм.

Дар олимпиадаи байналмилалии Ниҳро бошад, ки аз забони англисӣ сурат гирифтааст, Абдуқодирзода Абдураҳмон, Саминов Салман, Ҳакимзода Муҳаммад, Усмонов Афросиёб, Аброров Исмоил, Сабин Насир ҷойи 2-юм, Воҳидов Хушқадам, Убайдуллоев Мехроб, Розиқов Азамат ва Саидова Марям ҷойи 3-юмро ишғол намудаанд.

14-уми май дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи мактаббачагон аз фанҳои таълимӣ барои хонандагони синфҳои 5-6 толибилмони ин мактаб сазовори ҷойҳои зерин шудаанд: аз забони англисӣ 9 ҷой, забони русӣ як ҷой ва математика 1 ҷой.

Дар озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» хонандаи синфи 11-и Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе Сайфова Шаҳноза дар номинатсияи «Сайёҳӣ-кишваршиносӣ» иштирок намуда, бо лоиҳаи эҷодӣ дар мавзӯи "Тоҷикистон - кишвари сайёҳӣ: ҳолат, мушкилот, дурнамои рушд ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ" баромад карда, сазвори ҷойи якум гардид.

Дар олимпиадаи байналмилалии "Fiso", ки фосилавӣ дар Амрико гузашт, 25 нафар хонандагони Мактаби байналмилалии Президентӣ сазовори медалу ифтихорномаҳо гаштаанд.

Рӯйхати дастовардҳои ин мактабро метавон идома дод. Директори мактаб мутмаин аст, ки минбаъд ҳам хонандагон дар олимпиадаҳо иштирок намуда, бо пешниҳоди лоиҳаҳо имиҷи таълимгоҳро боло мебаранд.

У. НИЁЗӢ

P. S.

Видео-суҳбат бо директори Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе Муҳибулло Зувайдуллозода ва хонандагони фаъолро дар сомонаи Pressa.tj пайгирӣ намоед.

Афзалшо Шодиев:

МАРО ШИКАСТАН



30-сола набуд, ки бо сӯзу гудоз “ҷавонӣ рафт” мегуфт, дар домони 60 эълон кард, ки “ҷавонӣ намеравад!”. Ӯ маҳбубтарин ҳунарманди тоҷик аст. 40 сол мешавад, ки сурудҳои ӯ ҷузъе аз зиндагии мардуми мо шудааст. Оре, сухан аз Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Афзалшо Шодиев аст, ки ҳафтаи равон 60-сола мешавад.

Эҳтироми халқ

- Чанде пеш номи шуморо аз рӯйхати сарояндагони Наврӯзи Панҷакент ҳазф карданд. Байни мухлисонатон шӯру қиём бархост. Қаблан, вақте шуморо аз роҳбарии филармония барканор карда буданд, низ чунин сарусадо шуда буд. Ин қазияҳо ба руҳияи шумо чӣ таъсир мегузоранд?

- Дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон 7 сол роҳбар будам. Дар ин давра муассиса хеле обод шуд. Биноро таъмир кардем, 1000 курсии мулоими замонавӣ барои толор харидем, ки тамошобин роҳат бошад. Бомҳоро тармиму атрофи биноро пурра сангфарш намудем, фавворахо фаъол буданду атрофи бино чароғон. Макони сайругашти мардум шуда буд саҳни филармония. Пайиҳам консертҳо баргузор мегардиданду толорҳо пур аз тамошобин буданд. Шароити корӣ ҳам хуб буд. Албатта, ҳамаи ин бо дастгирии Пешвои миллат шуд. Вазорати корҳои дохилӣ низ хеле кумак кард. Яъне ман аз ин муассиса бо сари баланд рафтам. Пандемия сар шуд. Як сол дар хона нишастам. Боз даъват карда, чанд вазифа пешниҳод карданд. Худам Ансамбли давлатии “Сомон”-ро интихоб кардам. Ҳоло роҳбарии ин дастаи ҳунариро бар уҳда дорам. Ансамбли кӯчак бошад ҳам, корамон хуб аст. Дар масъалаи Наврӯзи Панҷакент. Парво надораму зиқ ҳам нашудам. Мухлисон дар шабакаҳои иҷтимоӣ норизоӣ карданд. Он каме ҳангома шуд. Вале барои ман ин чизҳо майда-чӯйда аст. Ин қазияҳо ба руҳи ман он қадар таъсир намегузоранд. Руҳи маро шикастан душвор аст. Муҳим, маро халқ эҳтиром мекунаду дӯст медорад.

40 сол дар мӯд

- Ин ҳафта остонаи 60-уми умрро мекӯбед. Чӣ эҳсос доред?

- 60 синне будааст, ки инсон ба гузаштаи худ як назар карда, хулосаҳо мебарорад. Аз ин 60 сол 40 соли он дар фаъолияти эҷодӣ ва хизмати халқ сипарӣ шуд. Тамоми дунёро гаштам, ҷаҳонро дидам. Санъати тоҷикро муаррифӣ кардам. Яъне умри ман беҳуда сипарӣ нашудааст. Ифтихор мекунам, ки дар зодгоҳи Одамушшуаро Рӯдакӣ таваллуд шудаам, дар як ватани зебо, дар як сарзамини худоназаркарда, бо мардумони нек зиндагӣ мекунам. Агар Худованд умр диҳад, дар оянда низ талош хоҳам кард, ки сурудҳои нав эҷод кунам ва хизмати халқамро кунам.

- Тайи 40 соле, ки шумо рӯйи саҳна ҳастед, ба майдони ҳунари мо даҳҳо сароянда ворид шуданд, яке камистеъдод, дигаре боистеъдод ва маъруфу пурҷило. Ин сабаб шуд, ки баъзе сарояндаҳо ба қавле аз мӯд монданд. Вале Афзалшо Шодиев ҳамоно маҳбубият дорад, ҳамоно дар мӯд аст. Чӣ сирре ин ҷо ҳаст?

- Ягон сирри ниҳонӣ дар ин ҷо нест. Ҳунарманде, ки дар забони мардум ва дар дилу дидаи мардум будан мехоҳад, пайваста эҷод мекунад. Агар суруди нав, оҳанги нав, таронаи ба дили мардум наздик эҷод шавад, ҳунарманд ба дили мардум роҳ меёбад. Халқ тарозуи бузург аст. Банда аз мардуми азизи кишвар миннатдорам, ки сурудҳои маро гӯш мекунанд, ба ман эҳтиром доранд, қадр мекунанд. Ба консертҳоям меоянд, маро дастгирӣ мекунанд. Дар 40 соли фаъолияти эҷодӣ толорҳое, ки ман консерт дорам, ҳамеша пур аз тамошобин аст. Ин саодати бузурги ман аст. Мардуми манотиқи гуногуни Тоҷикистон маро фарзанди худ медонанд, дар тӯю маъракаҳояшон даъват мекунанд. Ин ифтихори ман аст.

“Волга” ё санъат?

- Шумо фарзанди раис, яке аз одамони номдор ва дорои водии Зарафшон ҳастед. Метавонистед роҳи дигарро интихоб карда, соҳиби обрӯ ва мансабҳо шавед. Чаро роҳи санъатро пеш гирифтед?

- Баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи миллӣ, ба бахши забони арабӣ супоридам ва ба имтиҳонҳо омодагӣ мегирифтам, ки падарам аз Панҷакент омаданд. Дар чойхонаи “Роҳат” нишаста будем. Он вақтҳо он кас раиси колхози калонтарини Панҷакент ба номи “Рӯдакӣ”, узви Кумитаи Марказӣ буданд. Падар пурсиданд: “Кучо ҳуҷҷат супоридӣ?”. Гуфтам, ки факултаи шарқшиносӣ. Он замон ин факултет хеле бообрӯ буд. Хамткунандагони он ҳатман ба хориҷи кишвар барои кор мерафтанд ва бо “Волга” бармегаштанд. “ Ман фикр кардам, ки ту ба Институти санъат ҳуҷҷат супоридай... “Волга”-ро ман ба ту мехаридам...”. Вақте падар чунин гуфтанд, як рӯзи дигар вақт монда буд, рафта ҳуҷҷатҳоро гирифта ба Институти санъат супоридам ва аз имтиҳони устодон Аҳмад Бобоқулов, Нериё Аминов, Карим Ҳалимов ва устодони бузург гузашта, донишҷӯ шудам...

- Яъне бо дахолати падар ҳунарманд шудед?

- Бале. Зеро ман аз хурдӣ шавқи эҷодкорӣ доштам. Баъди хатми синфи 8 ният кардам, ки дар риштаи рассомӣ ҳуҷҷат супорам. Коллечи санъат дар ноҳияи Ленин буд. Вале амакам Холмурод Шарифов тавсия доданд, ки мактабро хатм кунам ва ба Институти санъат, ки нав кушода шудааст, ҳуҷҷат супорам. Розӣ шуда, ба Панҷакент баргаштам. Вале дар байн ҷӯраҳо ангеза доданд, ки шарқшинос шавам. Аммо дар тақдири ман санъат будааст.

Мактаби Ҷӯрабек Муродов

- Имрӯз ҳунарманди дурахшоне чун шуморо дида, тасаввур кардан душвор аст, ки як замон сарояндаи хор будед...

- Бале. Баъди хатми институт дар мактабҳои 53, 67 ва 110 муаллим будам. Вале кори асосии ман сарояндаи хор дар Театри опера ва балети ба номи устод Айнӣ буд. Баъдан, як сол дар Ансамбли халқии назди театр ҳамроҳи Саломат Қобилова ва Рустамбек Ботуров кор кардам. Соли 1984 дар толори Филармония (ҳоло “Сафина”) санаи 8-9-уми январ, 2 рӯз консерт додам. Толор пур буд. Баъди ин маро ба филармония даъват карданд. Нахуст дар ансамбли рубобчизанҳо, муддате дар дастаи ҳунарии устод Зафар Нозим ва баъдан солиёни зиёд бо устод Ҷӯрабек Муродов кор кардам.

- Шумо бо ифтихор худро шогирди Ҷӯрабек Муродов мегӯед. Шиносоиятон аз кай оғоз шуд ва нақши эшон дар сарнавишти шумо чӣ гуна аст?

- Солҳои 1975-76 устод дар Панҷакент консерт доштанд. Шаб баъди барнома меҳмони хонаи мо шуданд. Вақти зиёфат падарам гуфтанд, ки писари ман ба сарояндагӣ завқ дорад ва иҷозат пурсиданд, ки як суруд хонам. Ҳамон солҳо дар оҳанги “Нигори турку тоҷикам”-и устод шеъри “Туро эй кӯчаи Ленин”-ро монда, дар маҳфилҳо месароидам. Вақте ин сурудро хондам, устод гуфтанд: “Ин дар оянда шогирди ман мешавад!”. Ҳамин тавр, тақдир будаасту мо аз ин мактаб гузаштем. Нақши устод дар сарнавишти ман хеле бузург аст. Дар аввали консертҳои устод ман 4 суруд мехондам. Ҳамин аст, ки маро халқ зуд шинохт. Ин хизмати устод аст. Ҳар чӣ дар санъат ёфтам, аз баракати мактаби устодонам аст.

Дардномаҳои Афзалшо

- Аввалин суруде, ки шуморо машҳур кард, кадом буд?

- “Дилам бар Рӯдакӣ сӯзад”. Шеъри шодравон Гулназар.

- Шумо яке аз он сарояндагоне ҳастед, ки бештари сурудҳоятон дарднома ҳастанд: дарди инсон, дарди миллат, дарди башар. Решаи ин дард аз куҷост?

- Охири солҳои 80-ум вақте барои дифои забону фарҳанг ҳаракатҳои миллӣ оғоз шуд, банда ба хондани сурудҳои миллатдӯстӣ оғоз кардам. Ҳамон солҳо “Забонгумкарда”, “Дилам бар Рӯдакӣ сӯзад” ва дар оғози солҳои 90-ум “Тоҷикистонро дигар қисмат макун” барин сурудҳоро месароидам. Ин сурудҳо дарди замон, дарди ҳазорон тоҷикро бозгӯй мекарданд. Бинобар ин, вирди забонҳо буданд. Баъдан маро маънисаро ҳам гуфтанд. Вале ман ифтихор мекунам, ки баъди ман дигар ҳофизон ҳам чунин сурудҳоро хонданд, яъне пайроҳаи ман роҳ шуд.

- Умуман, шумо матни сурудро чӣ гуна интихоб мекунед ва барои эҷоди як суруд чӣ қадар вақт сарф мешавад?

- Як бор шеърро мехонам, агар ба дилам нишаст, медонам, ки ба мардум маъқул мешавад. Ҳеҷ гоҳ суруди фармоишӣ нахондаам. Вақте матнро интихоб мекунам, худованд илҳом медиҳад ва оҳангашро ҳам зуд менависам. Барои мисол шеъри “Ҳасрат” - “Ту дигар ба пешвозам дами дар намебарой” ё “Сӯзи дилам нест”-ро, ки ҳар ду ба қалами устод Лоиқ тааллуқ доранд, дар як шаб оҳанг бастаам. “Ҷавонӣ рафт”-ро бошад, чандин

YouTube
ШАКЛИ КОМИЛИ СУҲБАТ, СУРУДҲОИ НАВ ВА ЛАТИФАҲОИ НАМАКИНРО АЗ ЗАБОНИ АФЗАЛШО ШОДИЕВ ДАР ЮТЮБКАНАЛИ PRESSA.TJ ТАМОШО КУНЕД.



моҳ кор кардем. 5-6 хел оҳанг бастам, вале ба устод Лоиқ маъқул нашуд. “Намешавад!” мегуфтанд. Як шаб дар хонаи як дӯстам бо тори туркӣ, ки оҳангаш хеле ширин буд, бо оҳанги имрӯза хондам. “Мешавад! Сабт кун!”,- гуфтанд устод. Ва дар ҳақиқат ин суруд ба дили мухлисон роҳ ёфт. Ҳамин тавр, аксари ғазалҳои шоирони классик ва муосирро интихобан мегирам ва болои оҳангашон кор кардаву месароям.

- Бисёриҳо шояд надонанд, ки шумо худатон ҳам шеър менависед...

- Бале, аммо даъвои шоирӣ надорам. Кам-кам эҷод кардаву оҳанг бастаам. Яке аз онҳо машҳур аст:

Гар мӯи саре аз сари мо канда шавад,
Зери қадами ҳазору як банда шавад.
Ин ришгаи умри мо ки тори мӯест,
Бо амри Худо шавад, агар канда шавад.

- Яъне беш аз 30 сол. Ба дилатон назад?

- Рости гап, ман ҳам намехоҳам, ки фақат ҳамин сурудро сароям, вале мардум талаб мекунад. Чорабинӣ ё консерте нест, ки ин сурудро насароям. Барои мисол, ҳафтаи гузашта консерти шогирдонам Алишер Қаноатзода ва Гулпарӣ Орифова буд. Ба табрики онҳо рӯйи саҳна баромадам. Аз толор мардум “Ҷавонӣ рафт” гӯён, маҷбур карданд, ки ин сурудро хонам. Гарчанде консерти ман набуд, вале маҷбур шудам, ки онро сароям. Ҳамин тавр, дар ҳама гӯшаҳои Тоҷикистон, дар Самарқанду Бухоро ва дигар шаҳрҳои Ӯзбекистон, миёни тоҷикони Қирғизистон, дар Русия, Исроил ва Амрико вақте ба саҳна мебароям, аз толор ин сурудро талаб мекунанду ман мехонам...

Шӯхӣ бо ҳамкасбон

- Шумо яке аз беҳтарин гӯяндагони латифа ҳастед. Илова бар ин, дар сафарҳо бо ҳамкасбонатон зиёд шӯхӣ мекунед. Мехоҳем шаммае аз он хотирот нақл кунед.

- Ҳаҷв умри одамро дароз мекунад. Ман бо ҳаҷвнигорон дӯстӣ дорам. Бо Усто ва Масто ҳамкор будам. Бо Убайдулло Рачаб ва Аловиддин Абдуллоев дӯстӣ доштам. Баъзе аз лаҳзаҳоро нақл мекунам.

ШИМУ КОСТЮМИ НАВ БА ҶӮРАБЕК МУРОДОВ

- Соли нахустини корам бо устод Ҷӯрабек Муродов буд. Он солҳо дар донишгоҳи кишоварзӣ як ошхонаи хуб буд. Гоҳо тӯю маъракаҳо ҳам дар он ҷо баргузор мешуданд. Қабл аз маърака бо устод он ҷо рафтем. Каллапоча оварданд. Табакро ба устод наздик кунам гуфта, онро ба болои шими устод чаппа кардам. Бо салфетка тоза карданӣ шудам, ки салфетка часпиду шим тамоман расво шуд. Табъи устод хира шуд.

“Устод, парво накунед, хезед, ба пушт гузашта шинед, дар байни 10 дақиқа ба шумо шими костюми нав меорам, фақат асабӣ нашавед” гуфтам. Хонаи устод дар паҳлуи институт буд. Давида рафтам. Ҳалима ном чиянашон бо онҳо зиндагӣ мекард. “Ҳалимаҷон, устод гуфтанд, ки дар чевон костюму шими нав доштаанд, ҳамонро диҳед” гуфтам. Вай ҳам даррав бароварда дод. Гирифта овардам. Устод пӯшида, “ин чени худам будааст” гуфта, хурсанд шуданд. Тӯй нағз гузашту устодро то хонаашон гусел кардам...

ТУҲФА БА ҚУРБОНАЛӢ РАҲМОН

- Боре ба Британияи Кабир сафари ҳунарӣ рафтем. Дар оғози сафар ба ҳар яки мо 400 фунт стерлинг пул доданд. Ману раҳматии Қурбоналӣ Раҳмон дар як ошёна, дар ҳуҷраҳои ҳамсоя меистодем. Як вақт Миралӣ Достиев, ки роҳбари ҳайат буданд, маро чеғ зада гуфтанд: “Қарор шуд, ки ба шумо 100 фунт стерлингии дигар пул диҳем”. Ва пули худаму акаи Қурбоналиро ба ман доданд, ки расонам. Ба назди акаи Қурбоналӣ омада, пурсидам: “Ака, шумо гонорар гирифтед?”. “Ҳа 400 фунт стерлинг гирифтам” гуфтанд. “Мана ин 100 фунт стерлинги дигар аз номи ман, ба набераҳо туҳфа харед” гуфта, пулро дароз кардам. “Не, Афзалшоҷон, дар мусофират ба ҳама пул лозим, намегирам”,- гуфт худораҳматӣ. Маҷбур карда пулро додам. Акаи Қурбоналӣ пулро гирифта, дуо доданд. Димоғашон чоқ шуд. Рӯзи дигар Достиев мепурсанд, ки пулро гирифтед, ба дасти Афзалшо фиристода будам? Акаи Қурбоналӣ аз асли гап бохабар мешаванд. Маро дида, гуфтанд: “Сағера, бепул дуо гирифтӣ а?”. “Ака, як лаҳза шумо шод шудед, инашро фикр намекунед?”,- гуфтам ман.

СЮРПРИЗИ ФАЙЗАЛӢ ҲАСАН

- Бо устод Файзалӣ Ҳасан солиёни зиёд аст, ки шинос ҳастем. Ҳам шӯх, ҳам шӯхибардор ҳастанд. Як одами самимӣ ва ҳалол. Эшонро борҳо шӯхӣ кардаам, вале як бор маро боб карданд. Дар Боғи Ирам будем. Кадом чорабинӣ буд. Файзалӣ Ҳасан аз анбуҳи одамон ҷудо шуда, дар хараке мешинанд, ки костюму шими навашон мечаспад. Харак нав ранг карда шуда будааст. Ором мешинанд. Ман он рӯз шиму костюми сафеди нав пӯшидагӣ. Аз одамон ҷудо шуда, назди акаи Файзалӣ омадам. “Э, Афзалшоҷон, бачаи зӯрӣ, хаста шудӣ, шин ин ҷо...”,- гуфтанд чун ҳамешагӣ. Ман ҳам худамро ба харак партофта, баҳазур такя задам, ки шиму костюми ман ҳам часпид. “Ана акнун ба ҳардумон шиму костюм мехарӣ” гуфтанд.

Давоми умр

- Бисёре аз ҳунармандон худро шогирди шумо мегӯянд. Киҳо ҳастанд шогирдони арзандаи шумо?

- Шогирдони беҳтаринам ҳунарпешаҳои шоистаи Тоҷикистон Баҳрулло Абдуллоев ва Қобилҷон Зарифов. Орзугул Хуҷамова, Зокирҷон Обидов, Шаҳзоди Даврон, Эркин Одинаев, Дамирбек Олимови худораҳматӣ, Сухроби Маҳмуд Олими Маҳмуд, Ҷонибеки Мурод, Зикриоллоҳи Ҳаким, Сангалӣ Мирзоев ҳам додаронам ҳастанду ҳам шогирдонам. Бо онҳо мефахарам.

- То имрӯз чанд суруд эҷод ва иҷро кардед?

- Қариб 350-360 оҳанг худам эҷод кардаам ва беш аз 100 оҳанги композиторони дигарро сароидаам. Оҳангҳои маро, хушбахтона, ҳунармандони дигар мехонанд.

- Дар фароварди суҳбат аз оилаву фарзандонатон бигӯед.

- Хушбахтона, бо ҳамсарам Муҳтарам оилаи обод дорем. Писаронам Шервонҷон, Ҷовидонҷон бо келинҳо ва духтарам Рахшонҷон бо домодам дар Амрико зиндагӣ мекунанд. Фарзандони ман литсейи президентиро хатм карда, аввал ҳамин ҷо ба донишгоҳҳои кишвар дохил шуда, баъдан таҳсилашонро дар Амрико идома доданд ва ҳамон ҷо монданд. Лекин ҳамавақт омода ҳастанд, ки ба Ватан баргарданд ва хизмати халқро кунанд. Фарзанди дигарам Султонҷон дар ҳамин ҷо донишгоҳро хатм карда, кор карда истодааст. Барноҷон коллеҷи рассомӣ ва донишгоҳро хатм кард. Рассоми моҳир аст. Шаҳромҷон Институти санъати Қазонро хатм карда, ба Ватан омад. Як муддат дар Театри русии ба номи Маяковский фаъолият дошт. Ҳоло дар дигар соҳа кор мекунад. Ман аз фарзандонам розӣ ҳастам. Худо умрашонро дароз кунад. Ҳоло набераҳо ба воя мерасанд, ки давоми умри мо ҳастанд.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

АЗ ИН 60 СОЛИ УМР 40 СОЛИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ ВА ХИЗМАТИ ХАЛҚ СИПАРӢ ШУД. ТАМОМИ ДУНЁРО ГАШТАМ, ҶАҲОНРО ДИДАМ. САНЪАТИ ТОҶИКРО МУАРРИФӢ КАРДАМ. ЯЪНЕ УМРИ МАН БЕҲУДА СИПАРӢ НАШУДААСТ.

ДУШВОР АСТ!

Сарояндаи Лоиқ

- Шумо беш аз ҳама аз эҷодиёти устод Лоиқ Шералӣ суруд хондаед. Шиносоии шумо аз кай оғоз шуд?

- Устод солҳои 70 вақте ба деҳа меомаданд, мо аз пушти “Волга”-ашон давида то пушти хонаашон мерафтем. Савғотиҳояшонро аз мошин фароварда, мегуфтем: “Шумо бо модар суҳбат карда шинетон, мо мошини шуморо мешӯем”. Баъдан ҳамроҳи чӯраҳо мошини устодро мешустем. Баъди ин, устод моро ба “Волга” савор карда, гирди қишлоқро давр мезанониданд. Ҳамин тавр, устодро аз кӯдакиҳоям медонистам. Вақте ба Душанбе омадам, қарин шудем. Он кас маро ба писархондӣ пазируфтанд. Хизматашонро ҳамеша мекардам.

- Вақте шеърашонро оҳанг мебастед, назарашонро мепурсидед?

- Бале. Аввал эшон гӯш мекарданд. Агар иҷозат медоданд, баъдан сабт мекардам.

- Кадом сурудро дӯст медоштанд?

- “Ту дигар ба пешвозам дами дар намебароӣ”-ро вақте мехондам, гиря мекарданд.

- Чанд суруди устодро хондед?

- Хеле зиёд. Тахмин 150 суруд аз эшон хондаам.

- “Ҷавонӣ рафт”-ро аз кадом сол месароед?

- Аз соли 1988.



Афзалшо Шодиев ҳангоми мусоҳиба

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

ИҶОРА МЕДИҲАМ

► 3-ҳуҷрагӣ, табдилдодашуда ба 4-ҳуҷрагӣ, қабати 3, обу барқ доимӣ, таъмири аврупой, бо ҳамаи шароитҳояш, суроға: Шаҳраки ҳарбӣ (Военный городок). Тел: 931-46-02-07.

САЛОМАТӢ

► Холу озаххоро бе ҷарроҳӣ мегирем. Тел: 904-61-43-34.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0911953-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Сино соли 2021 ба Ҳақназарова Умеда Рустамовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми А №006779-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и ноҳияи Сино соли 1990 ба Шаҳидов Мирзодавлат Абдуразоқович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи Б №0485446 аз 16.01 соли 2008 бо суроғаи ноҳияи Шаҳритуз, ҷамоати Талбак Садриддинов, деҳаи Сайёд ба номи Исмоилова Холида, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи Б №0485445 аз 16.01 соли 2008 бо суроғаи ноҳияи Шаҳритуз, ҷамоати Талбак Садриддинов, деҳаи Сайёд ба номи Исмоилов Ёқуб, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №207959-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи И. Сомонӣ соли 1996 ба Турсунов Шодмон Исматуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Гостелло 159/2 ба номи Мухамадиев Карим, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0351655-и гумшуда, ки онро муассисаи таълимии Литсей-интернати муштараки тоҷикӣ-туркии иқтисодии шаҳри Душанбе 25-уми июни соли 2010 ба Шоев Шаҳром Шоҳович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0639729-и гумшуда, ки онро муассисаи таълимии Литсей-интернати муштараки тоҷикӣ-туркии иқтисодии шаҳри Душанбе 1-уми июли соли 2013 ба Сатторов Фаридун Ниматуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷомӣ 39, ҳуҷраи 22 ба номи Сайфуллоев Шариф Сайфуллоевич, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳамадиева 4, ҳуҷраи 68 ба номи Урунова Дилбар Умурбаевна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А00222508-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 23.06 соли 2015 ба Раҷабов Фирдавс Илҳомҷонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 92/1, ҳуҷраи 62 ба номи Нилуфари Файзали, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, гузаргоҳи якуми кӯчаи Аҳрорӣ (Красноармейской), хонаи 91 ба номи Расторгуева Анна Михайловна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Бинобар вафоти шаҳрванд Мирзоева Зебинисо Расуловна санаи вафот 26-уми апрели соли 2022, дар Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи ҶТ кори меросӣ кушода шудааст. Аз ин лиҳоз меросхӯрҳо метавонанд ба Саридора барои қабули мерос муроҷиат намоянд.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0761857-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73-и ноҳияи Сино соли 2011 ба Саидова Меҳрангез Раҷабовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, хонаи 100, ҳуҷраи 33 ба номи Муратов Юнусжон Шамсидинович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми А №004417-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №76-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1992 ба Урунова Шаҳло Пулотҷоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2018 ба Салихова Зуҳро Ҳикматовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2017 ба Мамаёров Сирочиддин Асомидинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0775899-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи И. Сомонӣ соли 2012 ба Скрипкина Екатерина додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳрести №8Ш-180 аз 15.01 соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ал. Берунӣ хонаи 4, ҳуҷраи 5 ба номи Абдуллоева Фарангис Хайруллоевна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТВ-1 №052478-и гумшуда, ки онро ДДТТ ба номи А. Сино 13-уми июни соли 1992 ба Тоирова Гульхумор Хабибулоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А02228736-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 17.07 соли 2019 ба Меликов Фируз Хушвахтович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №835402-и гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 1988 ба Раҳматова Тоҷинисо Додихудоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0539298-и гумшуда, ки онро муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии "Мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим ва бепарастор"-и шаҳри Душанбе соли 2010 ба Хафиззода Маъруф додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №3853/18 аз 05.02 соли 2018, ки онро МБТИ ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар ба Муминова Муқаддас Мардоевна додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести №9Д-2156 аз 06.08.1990, ки онро нотариуси давлатии Идораи якуми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Анзоб 303 ба Оев Истамқул додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадя таҳти феҳристи №1Ш-1482, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Канори 156 а ба номи Мурадов Мирмамад Мирафганович, ки 04.09 соли 2015 дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Хоҷамбиёи боло, хонаи 25 б ба номи Бегов Толиб Мухудинович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2018 ба Қаюмова Ганҷина Хуршедовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи 1/2 (аз ду як) ҳиссаи бинои таҳти литери 1-1с хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести №1Ш-505-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 27-уми апрели соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 2-юми кӯчаи Айнӣ, хонаи 46 ба Рахмонова Наргис Саидовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми №0412456-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳилоти миёнаи умумии №31-и ноҳияи Нуробод, к. Лангари 10.06 соли 2009 ба Қурбонова Малоҳат додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ 12, ҳуҷраи 3 ба номи Касымова Адолат Тимуровна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0065266 бо рақами қайди №1441-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2016 ба Мубаширова Давлатнисо Дилдорхоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0145913-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи И. Сомонӣ соли 2008 ба Раҷабова Гулнора Рустамовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0159118-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №122-и ноҳияи Фирдавсӣ (собиқ МТМУ №57-и ноҳияи Рӯдакӣ) соли 2006 ба Махсумзода Нодираи Салим додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ таҳти № 167 аз 11.12 соли 2015, ки онро корхонаи давалатии фаръии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" ба шаҳрванд Давлатов Раҳмонқул додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести №6Д-3Д аз 14 январи соли 2005, ки онро Идораи нотариалии ноҳияи Файзобод бо суроғаи ноҳияи Файзобод, к/к Заркамар ба Саидов Нурмаҳмад Шоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Соҳибкори инфиродӣ ба номи Музафаров Баҳридин, №0042910, РЯМ: 0430019535, РМА: 0450654445 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.


► ҶДММ “Маркази тарҷумонии Баён" №0022910, РЯМ: 041003266, РМА: 0400293999 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аз аввали ҳафта сар карда, дар дили зодагони бурҷи ҳамал хоҳиши сад дар сад дигаргун намудани зиндагиашон пайдо мешавад, вале ситораҳо маслиҳат медиҳанд, ки дар оғози ҳафта ба ягон кори нав азм нанамоед. Корҳои муҳиматонро ба нимаи дуюми ҳафта гузоред.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта ҳушёриро пеша намоед, нагузоред, ки ҳамкоронатон ба луқмаи тайёри шумо шарик шуда, як ҳиссаи маблағеро, ки ҳаққи ҳалол ва самари заҳматҳоятон аст, ба осонӣ аз худ намоянд. Дар ҷодаи ишқу муҳаббат саврҳоро нокомӣ интизор аст.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта кӯшиши ҳамаи корҳоро якбора ичро карданро накунед, вақтатонро бехуда сарф мекунеду ҳама коратон нимкора мемонад. Бехтар мебуд, ки аз корҳои осонтар сар карда, масъалаҳои муҳимро ба нимаи дуюми ҳафта гузоред.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта ошиқатон пас аз интизориҳои тӯлонӣ ниҳоят вақт ёфта, ба наздатон меояд. Вохӯрии ошиқона дилҳоятонро ба ҳамдигар боз ҳам наздиктар месозад. Ҳафта аз ҳар нигоҳ барои саратонҳо бобарор аст. Бо вуҷуди гарм шудани ҳаво хатари шамол хӯрданатон зиёд аст.



Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта масъалаҳои муҳими пулиро ҳал менамоед. Тиҷорататон равнақ ёфта, ҷайбатон пури пул мегардад. Хасисӣ карда, ҳама корро дар танҳоӣ пеш набаред, ёрдамчии хубу боваринок шонси пули калон кор кардани шуморо ду маротиба бештар хоҳад кард.



Сумбула
23.08 - 22.09

Ин ҳафта чунон серкор мешавед, ки намедонед корро аз чӣ сар кунед. Ҳама бори гаронро бар дӯши худ гирифта, саломатиятонро барбод надиҳед. Нимаи дуюми ҳафта бо арақи ҷабин маблағи на он қадар калонро ба даст меоред. Дар сарф кардани пул эҳтиёт бошед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ин ҳафта аз хастагӣ ҳавсала намекунед, ки ба ягон кор даст занед. Барои ба худ омадан саломатиатонро барқарор намуда, бо қувваи дучанд ба кор часпед. Мизонҳои муҷаррад ҳаваси оиладор шуданро мекунанд, вале боз камтари дигар сабр карданашон лозим аст.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта шиносоии тақдирсозе шуморо интизор аст. Бо як шахси бисёр муътабар ва тавоно шинос мешавед. Аз маслиҳатҳои ӯ истифода баред, ба қуллаҳои баланди зиндагӣ хоҳед расид. Дар ҷодаи кору фаъолият ақрабҳоро дигаргуниҳои бузург интизоранд.



Қавс
25.11 - 21.12

Ин ҳафта зодагони бурҷи қавсро шиносоии аҷибе дар назар аст. Аз ҳад зиёд ба гапҳои ширини одаме, ки аслу насабашро намедонед, дода нашавед. Ошиқи зор гашта, шумо метавонед инони ихтиёри худро аз даст диҳед ва коре кунед, ки оқибаташ пушаймонист.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Ин ҳафта худро комилан солим эҳсос намуда, бо қувваи дучанд ба кор мечаспед, аммо як хатои хурдакак шуморо дар назди роҳбарият шармсор месозад. Худро гунаҳкор ҳис намуда, ақибнишинӣ накунед, баръакс, барои рафъи камбудиҳо камари ҳиммат бандед.



Далв
21.01 - 19.02

Ин ҳафта шумо бояд аз ҳама зебо ва дилкаш бошед. Либосҳои зеботаринро ба бар намуда, ба ҷашну маҳфилҳо равед. Тақдир ин ҳафта дари барору комёбиҳоро ба рӯйи зодагони бурҷи далв мекушояд. Охири ҳафта даромади пулии начандон калон имконпазир аст.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳутҳои бо тиҷорат сарукордошта агар муносибатҳояшонро бо шарикони пештара дубора барқарор намоянд, даромади калон ба даст оварда метавонанд. Дар бобати саломатӣ ба бепарвоӣ роҳ додан лозим нест, беморихоро сари вақт табобат кунед.



3 усули халқии табобати диабети қанд

Чанд сол боз ба диабети қанд гирифтор ҳастам ва зери назорати табибон қарор дорам. Ба куҷое, ки наравам, ҳамеша доруҳоямро бо худ мебарам. Мудом бо дору гаштан ба дилам задааст. Шунидам, ки бо воситаи гиёҳҳо ва ҳатто бо барги баъзе дарахтон низ касалии қандро табобат карда мешудааст. Аз ҳамин хотир, ба шумо муроҷиат карда истодаам, то фаҳмам, ки ин гап асос дорад ё не?

МУРОДУЛЛО, н. Рӯдакӣ

Посухи табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:

- Муолиҷаи бемории қанд дар тиби гиёҳӣ ҳеҷ мушкиле надорад. Воситаҳои зиёде мавҷуданд, ки инсулинро ба меъёр медароранд, вале барои ин, муолиҷаро то ҳосил шудани беҳбудии комил идома додан лозим аст. Ман чанд усули содаи табобати касалии қандро бо воситаи барги дарахтон ба шумо мекушоям.

Якум. 25 грамм барги хушки чормағзро дар як литр оби чӯш муддати як соат дам карда, саҳарӣ, нисфирӯзӣ ва бегоҳӣ якпиёлагӣ нӯшед. Ин амалро як ҳафта давом диҳед, беҳбудии комилро эҳсос хоҳед кард.

Дуюм. Барги тути сафедро хушк карда, кафмол намоед, то ба шакли хока дарояд. Онро ба рӯи ғизоҳое, ки истеъмол мекунед, пошед, сатҳи қанди хунро хеле паст мекунад.

Сеюм. Барги биҳӣ, барги чормағз, барги газна ва барги мушхорро ба андозаи баробар гирифта, хушк кунед ва 2 қошуқашро дар ним литр об андохта, ҳамагӣ 2-3 дақиқа ҷӯшонед, сипас оташро хомӯш намуда, монед ним соат истад. Гиёҳобро соф карда, рӯзе 3 бор 50 грамм бинӯшед.

22 хосияти давоии банан



Банан натанҳо меваи лазиз, балки барои саломатии инсон бисёр муфид аст. Имрӯз мо ба шумо дар бораи баъзе хусусиятҳои давоии банан маълумот медиҳем.

1. Хӯрдани банан барои шахсони ба депрессия гирифтор муфид аст.

2. Банан ягона мевае мебошад, ки ҳатто кӯдакон аз он аллергия надоранд.

3. Банан дар таркибаш калтсий дошта, мушакҳоро пуркувват мекунад.

4. Банан барои беҳтар кардани кори микрофлораи рӯдаҳо тавсия дода мешавад.

5. Барои қабзияти рӯда (запор) банан хеле фоидабахш аст.

6. Банан ба нафароне, ки тез-тез зардачӯш мешаванд, тавсия дода мешавад.

7. Банан барои табобати захми меъда (язва желудка) фоида дорад.

8. Барои манъ кардани дарунравӣ банан хӯрданро тавсия медиҳанд.

9. Дар таркиби банан калий зиёд буда, барои одамони ба варзиш алоқаманд манфиати бисёр дорад.

10. Банан ба кам кардани варами пой кумак мекунад.

11. Пеш аз машқи бадан як дона банан хӯред, нерӯи тоза мегиред.

12. Банан барои беҳтар шудани кори узвҳои ҳозима (улучшение пищеварения) манфиат дорад.

13. Ба заноне, ки ҳангоми ҳайз бо сабаби шамолхӯрии бачадон сахт дард мекашанд, дар ин рӯзҳо бештар банан хӯрдан тавсия дода мешавад.

14. Онҳое, ки ба бемории камхунӣ гирифторанд, бояд ҳар рӯз ақаллан якдонагӣ банан истеъмол кунанд, зеро он дар таркибаш оҳани зиёд дошта, бениҳоят фоидабахш аст.

15. Банан барои беморони қалб ва фишори хун фоидаовар аст.

16. Банан иммунитетро баланд мекунад.

17. Банан барои санги гурда ва намакро аз гурда хориҷ кардан фоида дорад.

18. Банан барои рафъи дилбеҳузурӣ, бахусус токсикози занони ҳомиладор тавсия дода мешавад.

19. Барои раҳоӣ аз хориш, баъди газидани ҳашаротҳо, аз ҷумла хомӯшак, пучоқи бананро муддати 10 дақиқа дар ҷойи ҳашарот газидагӣ баста монед.

20. Банан хосияти паст кардани ҳарорати баланди баданро дар ҳавои гарм дорад.

21. Одамоне, ки мехоҳанд одати бади сигоркаширо партоянд, бояд бештар банан истеъмол намоянд. Банан дар таркибаш калий ва магний дошта, хуморро рафъ месозад.

22. Банан интеллекти инсонро баланд мебардорад.

Дар охир таъкид карданием, ки ба беморони ба диабети канд мубтало хӯрдани банан қатъиян манъ аст.

Маъсума Аминоваи 104-сола:

САБР ОДАМРО САБЗ МЕКУНАД!

Дар консерти сарояндаҳои маъруф Алишер Қаноатзода ва Гулпарӣ Орифзода лаҳзаи хотирмон иштирок ва дуои модари 104-солаи Алишер буд, ки ба хотири консерти фарзандаш аз деҳаи дурдасти Артучи Панҷакент ба пойтахти кишвар омада буд.



Пас аз консерт ба аёдати ин зани зиндагидида ва нуронӣ рафтем. Маъсума Аминоваро дар хонаи фарзанди машҳураш Алишер, ки роҳбари ансамбли "Тарона ва рақс"-и Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев аст, дар иҳотаи наберагону аберагонаш пайдо кардем.

Бибии Маъсума дар чунин синну соли муборак ҳамоно зиндадил ҳастанд ва маро бо чеҳраи гарм пешвоз гирифтанд. Аз даврони кӯдакиҳояшон пурсидам.

"Ман дар деҳаи Артуч таваллуд шудаам. Дар ҳамин деҳа ба мактаб рафта, якбора таҳсилро аз синфи 2 шуруъ кардам, зеро аз хурдӣ ба хондан шавқу ҳаваси беандоза доштам. Падарам мулло Амин хатм кардаи мадрасаи Бухоро буданд. Одами донишманде буданд",- нақл карданд бибии Маъсума.

Ин модар мегӯяд, ки дар замони наврасиву ҷавонии ӯ духтарон озод набуданд ва имкони таҳсил надоштанд. Маҳз ҳамин монеъ шудааст, ки ӯ таҳсилашро идома диҳад.

"Маро баъди хатми синфи 8 ба маркази район - ҳоло деҳаи Колхозчиён оварданд, то ки таҳсиламро идома диҳам. Аммо таҳсили ман метавонист боиси гапу калочаи зиёд дар деҳа шавад. Бинобар ин, ба деҳа, назди падару модар баргаштам",- афсӯс мехӯрад бибии Маъсума.

Ҳамин тавр, ӯ аз хурдӣ дастёри падару модар мешавад. Ҳамроҳи волидон ба авул рафта, ба корҳои хона ёрмандӣ мекунад.

"Духтараки хурду назарногир, вале бағайрат будам. Вақте падарам барои ҳезумчинӣ ба куху пуштаҳо мерафтанд, ҳамроҳашон мерафтам",- ба ёд меорад он рӯзҳоро ин пиразани 104-сола.

Онҳо дар оила 4 нафар буданд - 2 духтару 2 писар.

Бибии Маъсума 50 соли зиндагии якҷоя бо шавҳараш Қаноатро солҳои пурнишоти умраш медонад.

"Бо шавҳарам ҳамроҳ 50 сол зиндагии хушбахтона доштем. Ҳамроҳи шавҳарам амакбача будему бо ишқу муҳаббат оиладор шудем. Шавҳарам 40-рӯза аз падар ятим монда, сағера калон шуда буданд. Он кас корманди низомӣ буданд. Соҳиби 8 фарзанд - 5 писару 3 духтар шудем...",- мегӯяд бибӣ.

Бибии Масъума тамоми ҳунарҳои занона, сар карда аз кашидадӯзиву гилембофӣ то пазандагиву дӯзандагиро хуб метавонист ва дар маъракаву тӯйҳои мардуми деҳоти Артуч хизмат мекард. Ба фарзандонаш низ меҳнатдӯстиро омӯзонидааст. Ҳоло ба 48 набераву 62 абераш насиҳатгӯ аст.

"Ман ба фарзандону набераҳо ва абераҳоям маслиҳати модарона медиҳам, ки дар зиндагӣ таҳаммулпазир бошанду ҳурмати хусуру хушдоман ва шавҳарро ба ҷо оранд, он гоҳ дар зиндагӣ муваффақ мешаванд. Сабр кунанд, зеро одамро сабр сабз мекунад",- мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Бибии Масъума хеле меҳмондӯст ҳастанд. То ҳол касе аз дарашон дарояд, тоҷикона меҳмондорӣ мекунанд. Келини хонадон Малоҳат мегӯяд, ки меҳмоннавозиро аз хушдоман омӯхтааст: "Хушдоманам бароям мисли модар ҳастанд, то ҳол аз маслиҳатҳо ва кумакҳояшон истифода мебарам. Новобаста аз синну солашон то ҳол дар хона раҳнамову маслиҳатдеҳи мо келинҳо мебошанд. Дар рӯзгордориву меҳмондорӣ ва дастархондорӣ ҳамеша маслиҳатташонро мегирем".

Сароянда Алишер Қаноатзода, писари бибии Масъума мегӯяд: "Ман хушбахттарин шахс ҳастам, ки модар дорам. Модарам дуогӯйи ман ҳастанд. Ҳар субҳамро бо шунидани занги телефонии модарам оғоз мекунам. Вақте ба сафарҳои ҳунарӣ меравам, аввал дуои модарамро мегирам".

Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА,
"Тоҷикистон"

ТУТПИЗИ ПОМИР ДАР МАСКАВ

Як ҳафта шуд, ки дар яке аз мағозаҳои ширкати "ВкусВилл" дар шаҳри Москави Русия ҳамчун нозири толори асосии мағоза кор карда истодаам.



Инҷо ҳамроҳам як бародари тоҷик низ ҳамчун масъули бахши маҳсулоти кишоварзӣ кор мекунад. Имрӯз бароям ширинеро нишон доду гуфт, ки истеҳсоли Бадахшони Тоҷикистон аст. Аввал боварам наомад. Зеро тақрибан чизе дар мағозаҳои ин ширкат аз Тоҷикистон то кунун надида будам, дар ҳоле, ки маҳсулоти кишварҳои ҳамсоя хеле зиёд буданд. Махсусан, аз Ӯзбекистон.

Вақте суроғаи истеҳсолкунандаро бо чашми худ дидам, аз хурсандӣ ба қавле дар куртаам нағунҷидам. Ин ширинӣ дар шаҳри Хоруғи ВМКБ истеҳсол шуда буд. Як дона аз ин ширинӣ - тутпиз, яъне ҳалвои тут (20 грамм) дар ин мағоза 55 рубли русӣ (қариб 10 сомонӣ) арзиш дорад.

Коркард бо усули нав, бастабандии зебо ва муосири маҳсулоти ватанӣ (тути Бадахшон)-ро дидаму ба ҷавонмардоне, ки соҳибии ширкати "Pamir Travel"-ро ба уҳда доранд, офарин гуфтам.

Суннатуллоҳи МИРЗО,
Москва

Тақвими ТОҶИКИСТОН

3 ИЮН

БОРИС ТРУСЕВИЧ (1892-1976), 30-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

РУСТАМ АЗИЗОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илмҳои техникӣ, профессор.

ҲАКИМ МАҲМУДОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

4 ИЮН

БОБО ХУДОЙДОДОВ (1927-1990), 95-солагии зодрӯзи мутарҷим, олими соҳаи филология.

ОЛГА МОРОЗОВА (1902-1937), 120-солагии зодрӯзи доктори илмҳои кишоварзӣ.

ВИКТОР ФУФИГИН (1907-1973), 115-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

МУҲСИНҶОН РАҲИМОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи қолинбоф, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

МУЪТАБАР САЙФУЛЛОЕВА (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

5 ИЮН

ҒАНИҶОН АБДУСАМАДОВ (1947-2012), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

УМАРИ ШЕРХОН (1957), 65-солагии зодрӯзи журналист.

ВЕРА РАСТАРГУЕВА (1912), 110-солагии зодрӯзи мутарҷим, доктори илми филологӣ, профессор, Арбоби шоистаи илми Тоҷикистон.

САЙДАЛӢ СУЛТОНОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

6 ИЮН

МАГДАН МЕНЛИКЕЕВ (1932), 80-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

АЪЗАМ ПУДИНАЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

САОДАТ ҶУРАЕВА (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

МУЗАФФАР АБДУЛЛОЕВ (1967), 55-солагии зодрӯзи генерал-майор.

ҲИКМАТУЛЛО АБДУЛЛОЗОДА (1947), 75-солагии зодрӯзи биолог, олими соҳаи педагогика.

АЗИЗОВА МАВЛУДА (1972), 50-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, забоншинос.

7 ИЮН

САМЕЪ ОДИНАЗОДА (1907-1995), 115-солагии зодрӯзи шоир.

МУҲАББАТ БОБОХОҶАЕВА (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи забоншиносӣ.

8 ИЮН

АҲАД СУЛАЙМОНОВ (1912-1956), 110-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи маданияти Тоҷикистон.

РОЗИЯ ҚУРБОНОВА (1937), 85-солагии зодрӯзи ресанда, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

9 ИЮН

СУЛҲИЯ ШУКУРОВА (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи таърих.

ҶАЛОЛИДДИН ПӮЛОДОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД.
Тел: 221-00-84

ФУТЗАЛ

СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН БО ШИРКАТИ 8 ДАСТА ОҒОЗ ШУД

Рӯзҳои истироҳати ҳафтаи гузашта Чемпионати Суперлигаи футзали Тоҷикистон, ки дар он ҳашт даста ширкат мекунанд, оғоз шуд.



Ба голи задаи Парвиз Раҳматов душанбегиҳо бо зарбаи дақиқи легионери эронӣ Муҳсин Муҳаммадзода посух доданд.

Дар мусобиқа дастаҳои «Равшан» (Кӯлоб), КМВА (Душанбе), «Истиқлол» (Душанбе), «Соро компания» (Душанбе), «Сипар» (Хуҷанд), «Истаравшан» (Истаравшан), «Пойтахт» (Душанбе), «Самандар» (Турсунзода) ширкат мекунанд.

Дар бозии марказии даври аввал дастаҳои «Сипар»-и Хуҷанд ва «Соро компания»-и Душанбе мусовӣ бозӣ карданд.

Дар вохӯрии дигар голи бозигари дастаи мунтахаби футзали Қирғизистон Айдар Абдуҷалил уулу ғалабаи «Истиқлол»-ро бар «Истаравшан» таъмин сохт.

Дастаи «Равшан»-и Кӯлоб дар майдони худ бар барандаи медали биринҷии мавсими гузашта - тими «Пойтахт» бо ҳисоби 8:5 ғалаба кард ва дар ҷадвали мусобиқа зинаи якумро соҳиб гардид. Дастаи нави Суперлига КМВА-и пойтахт бошад, дар меҳмонӣ бар «Самандар»-и Турсунзода бо ҳисоби 6:3 пирӯз шуд.

КУШТӢ

9 НАМОЯНДАИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУСОБИҚАИ ҚАЗОҚИСТОН

Паҳлавонони тоҷик дар мусобиқаи рейтингии Ҷоми Болат Турлихонов, ки аз 2 то 5-уми июн дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон баргузор мешавад, ширкат мекунанд.



Сухроб Абдулҳаев (82 кг), дар куштии тарзи озод Шамсиддин Ибодов (61 кг), Комрон Холов (65 кг), Муборакшо Қурбонбеков (70 кг), Файз Файззода (97 кг) ширкат мекунанд.

Дар мусобиқаи куштӣ зиёда аз 275 варзишгар аз 15 кишвар иштирок мекунанд. Аз чумҳурии мо 9 нафар (5 нафар дар куштии юнонӣ-римӣ, 4 нафар куштии тарзи озод) ба Қазоқистон мераванд. Дар куштии юнонӣ-римӣ Асламҷон Азизов (55 кг), Фирӯз Мирзораҷабов (60 кг), Шероз Очилов (72 кг), Ҳабибҷон Зуҳуров (77 кг),

ТАЭКВАНДО

9 МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ТОШКАНД

Варзишгарони тоҷик дар мусобиқаи байналмилалии таэквандо (WT) ба шарафи профессор Бак Мун Ҷонг сазовори 9 медал гардиданд.

Мусобиқа миёни наврасон, ҷавонон ва калонсолон рӯзҳои 21 ва 24-уми май дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар он беш аз 1200 варзишгар аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ширкат карданд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 46 нафар - 36 варзишгар, 4 довар, 6 мураббӣ дар мусобиқа иштирок карда, ба гирифтани 4 медали нуқра ва 5 медали биринҷӣ мушарраф шуданд.

Медалҳои нукраро Абдуҷаъфари Баҳодур (45 кг), Мино Шарифова (55 кг) миёни наврасон, Фарида Ғуломова (пумсе) ва Муниса Ойматова (53 кг) миёни калонсолон ба даст оварданд. Хосият Сафарова (41 кг), Нурина Алиназарова (41 кг) миёни наврасон, Муниса Исматова (57 кг), Муҳаммадҷон Сунатов (63 кг) ва Абумуталиб Мирзоев (58 кг) миёни калонсолон соҳиби медалҳои биринҷӣ гаштанд.

ФУТБОЛ

ЧЕМПИОНАТИ ФУТБОЛ БАЙНИ ЗАНҲО ОҒОЗ МЕШАВАД

Мавсими нави чемпионати футболи Тоҷикистон байни дастаҳои занона бо ширкати 10 даста рӯзи 5-уми июн оғоз мешавад.

Федератсияи футболи Тоҷикистон маросими қуръакашии тақвими бозиҳои панҷуми Чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои занонаро баргузор кард. Дар мавсими нави лигаи занона дастаҳои «Зебонисо» (Душанбе), «Ситора» (Шаҳринав), «Суғд» (Суғд), «Бунҷикат» (Шаҳристон), «Конибодом» (Конибодом), «Хатлон» (Бохтар), «Ҳосилот» (Фархор), «Зебо» (Дӯстӣ), «Бешкент» (Носири Хусрав) ва Муассисаи давлатии Мактаби варзишии Кӯлоб (МДМВ) ширкат мекунанд.

Мавсими нави Лигаи футболи бонувони Тоҷикистон рӯзи 5-уми июн оғоз шуда, дар ду давр баргузор мешавад ва дар он ҳар як даста ҳам дар хона ва ҳам дар меҳмонӣ бозӣ мекунад. Дар мачмуъ дастаҳо дар як мавсим 18 бозӣ хоҳанд кард.

Даври якум рӯзи 5-уми июн бо бозии дастаҳои «Конибодом» (Конибодом) - «Ҳосилот» (Фархор), «Зебо» (Дӯстӣ) - «Суғд» (Суғд), «Ситора» (Шаҳринав) - «Зебонисо» (Душанбе), «Хатлон» (Бохтар) - МДМВ (Кӯлоб), «Бунҷикат» (Шаҳристон) - «Бешкент» (Носири Хусрав) баргузор мешавад.





ИШТИРОКИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР TBILISI GRAND SLAM-2022

Мусобиқаи байналмилалии Tbilisi Grand Slam-2022 сайри ҷаҳонии ҷудоро пас аз 2 моҳи танаффус идома хоҳад дод, ки дар он ҷудокорони Тоҷикистон ширкат мекунанд.

Ин мусобиқа бо иштироки 285 варзишгар (178 мард, 107 зан) аз 38 кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон, аз 3 то 5-уми июн баргузор мешавад. Аз чумҳурии мо барои ширкат дар ин мусобиқа 9 нафар миёни мардон сабти ном шудаанд. Инҳо Эмомалӣ Нуралӣ ва Шаҳбоз Саидаброров, ҳарду дар вазни -66 кг, Муҳаммадшариф Наҷмуддинов ва Муҳаммадраҳим Сарахонов, ҳарду дар вазни -73 кг, Шодмон Ризоев ва Муҳаммадҷон Абдуҷалилов, ҳарду дар вазни -81 кг, Карематулло Ҳакимов дар вазни -90 кг, Мансур Раҳмон ва Абубакри Акобир дар вазни -100 кг ҳастанд.

Қувваозмоиҳои вазни -66 кг 3-юми июн, вазнҳои -73 кг, -81 кг 4-уми июн ва вазнҳои -90 кг, -100 кг 5-уми июн баргузор хоҳанд шуд. Дар ҳамаи 14 вазн (7 вазн миёни писарон, 7 вазн миёни духтарон) ба ғолибон ба ҷуз медал ҷоизапулӣ дода мешавад. Барои ҷойи аввал 5000 евро, ҷои дуюм 3000 ва ҷои сеюм 1500 евро пешбинӣ шудааст.

Муҳлати системаи интихобии олимпии Париж-2024 дар намуди ҷудо 26-уми июн оғоз мегардад. Варзишгарон дар мусобиқаи оянда - Гранд Слами Уланбатор (24-26-уми июн) ба ҷамъоварии имтиёзҳои олимпӣ шуруъ мекунанд.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

ШАКАРХАНД

Пурсиш

Духтаре аз дугонааш мепурсад:

- Гуландом, тасаввур намо, ки ду мард дар об ғарқ мешаванд. Якеашро ту дӯст медориву дигараш туро дӯст медорад. Кадомашро начот медиҳӣ?

Гуландом дар ҷавоб:

- Чӣ, онҳо девонаанд, ки якҷоя даруни об даромадаанд?

Истироҳат

Марде ба ширкати сайёҳӣ занг зада, мегӯяд:

- Ман дам гирифтан мехоҳам...

Аз ширкат мепурсанд:

- Чӣ қадар пул доред?

Мард мегӯяд:

- 500 сомонӣ.

Аз ширкат посух медиҳанд:

- Дам гиред!

Сақич

Дар мағоза фурӯшанда ба харидор мегӯяд:

- Бахшиш ако, мо танга надорем. Ба ҷои бақия панҷ сақичи “Маша” гиред.

Мард дар ҷавоб:

- Чӣ, ман ба шумо кӯдакам? Сақичи “Терминатор” дихед...

Мурда

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, агар ман мурам, ту зани дигар мегирӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Не, занаки беақл, бо мурдаи ту зиндагӣ мекунам!

Таҳлӯш

Марде ба хонаи дӯсташ омада, ба ӯ дурудароз нигоҳ карда, мепурсад:

- Чаро ту дар хона бо як таҳпуш мегардӣ?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Барои он ки бо дуто гарм мешавам.

Қаҳр

Дар курсии қатори театр дасти ҷавоне ба пойи духтар мерасад. Духтар гӯё қаҳраш карда бошад, мегӯяд:

- То ҳазор ҳисоб мекунам, дастатро гирифта бошӣ.

Пул

Марде аз рафиқаш мепурсад:

- Гӯш кун, Акрам, агар ту дар дастат 500 доллар дошта бошӣ, маъшуқаи пешинаат аз ту 200 доллар пурсаду маъшуқаи ҳозираат 300 доллар, дар дастат чӣ қадар пул мемонад?

Акрам дар ҷавоб:

- Дар дастам 500 доллар memonaду ду занги бечавоб дар телефонам.

Уқоб

Шавҳар ба хонааш маст меояд. Зан ҳолати ӯро дида, бо қаҳру ғазаб мегӯяд:


-Маст омаданатро мебахшам, вале чаро тахтапуштат харошида аст?

Мард дар ҷавоб мегӯяд:

-Ту бовар намекунӣ... Р

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

БАЪДИ ДУ СОЛИ ТАВАҚҚУФ.

ТОҶИКИСТОНУ ЧИН ПАРВОЗҲОРО БАРҚАРОР МЕКУНАНД



РАҲИМҶОН САИДЗОДА

Фарзанди ман дар Ҷумҳурии халқии Чин таҳсил мекунад ва аз замони шуруъ шудани пандемияи “КОВИД-19” боре ҳам ба Ватан наомадааст. Зеро миёни Тоҷикистону Чин парвози ҳавопаймо қатъ шудааст. Мехостам донам, ки оё парвозҳо барқарор мешаванд ё не?

САИДА,
шаҳри Хуҷанд

Саидабонуи азиз! Мо ба шумо муждаи нек медиҳем. Зеро ба қарибӣ, пас аз танаффуси дусола парвозҳои мустақим ба Чин дубора барқарор мешаванд. Парвози аввалин рӯзи 23-юми июн тавассути хатсайри Душанбе-Урумчӣ-Душанбе сурат хоҳад гирифт. Дар ин бора Азиз Набизода, муовини директори Оҷонсии ҳавонавардии мулкии Тоҷикистон хабар медиҳад. Номбурда гуфт, ки парвози нахустинро дар ин самт ширкати ҳавопаймоии “China Southern Airlines” анҷом медиҳад.

- Ҳанӯз дар моҳҳои май-июни соли 2020 мо ба мақомоти Чин дар бораи омодагии Тоҷикистон барои аз сар гирифтани парвозҳои ҳавоӣ маълумот ирсол карда будем. Чанд рӯз пеш мо посухи расмӣ гирифтем, ки дар он ҷониби Чин низ омодагии худро барои аз сар гирифтани парвозҳо изҳор дошт,- гуфт Набизода.

Ба гуфтаи ӯ, ширкати ҳавопаймоии “Сомон Эйр” ва ширкати ҳавопаймоии “China Southern Airlines” дар ду ҳафта як парвоз анҷом медиҳанд.

Тавре номбурда афзуд, интизор меравад, ки дар оянда шумораи парвозҳо зиёд карда шавад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН